МАРДУМИТАРИН НАВИСАНДА с. 11

МУЛОҚОТИ ТРАМП ВА ПУТИН БА ТАЪХИР АФТОД с. 4

ҲУШДОРИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТ с. 7

ТОҶИКИСТОН

№43 (1656), 22.10.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ҚОИДАИ НАВ БАРОИ АДОИ ҲАҶ





ДАР ИН ШУМОРА:

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ВОСЕЪ
Аз ифтитоҳи варзишгоҳ то марказҳои замонавӣ с.2

ПРОКУРАТУРАҲОИ ИДМ
алайҳи таҳдидҳо муттаҳид мешаванд с.5

ДАЪВАТИ ТИРАМОҲӢ
Нақша қариб 90% иҷро шуд с.8

АНДОЗ
Ҷамъоварӣ 15% зиёд шуд с.7

БУРҲОНИДДИН РАББОНӢ
Мухлиси “Дар орзуи падар” с.11

ҶШС ТОҶИКИСТОН
The New York Times хабар дод с.14

КОР Ё ХАРОҶОТ
Кадоме муҳимтар с.7

ВАРЗИШ
“Вахш” ҳанӯз ҳам пешсаф аст с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ПРЕЗИДЕНТ ДАР ВОСЕЪ

Аз ифтитоҳи варзишгоҳ барои 21 000 нафар то марказҳои замонавӣ

22-юми октябр дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон чандин иншооти муҳимро мавриди истифода қарор доданд. Дар ин рӯз марказҳои ташхисиву табобатӣ, маркази таълими касбӣ, коргоҳҳои дӯзандагӣ, маҷмааҳои варзишӣ, роҳҳои мумфарш ва варзишгоҳи муосир бо 21 ҳазор ҷойи нишаст ба фаъолият оғоз карданд.



МАРКАЗИ ТАШХИСИИ «ТИБИ ҲУЛБУК» - ТАБОБАТ БО ТАҶҲИЗОТИ НАВТАРИН

Бо иштироки Президенти кишвар бинои муосири маркази ташхисии "Тиби Ҳулбук", ки аз 8 ошёна иборат аст, ифтитоҳ ёфт. Ин марказ бо таҷҳизоти тиббии муосир, аз ҷумла дастгоҳҳои MRI, томографияи компютерӣ ва дигар таҷҳизоти ташхисӣ таъмин буда, шароити беҳтарини ташхису табобатро фароҳам меорад.

ВАРЗИШГОҲ БАРОИ 21 ҲАЗОР НАФАР

Иншооти дигари муҳим варзишгоҳи марказии ноҳияи Восеъ аст, ки бо 21 ҳазор ҷойи нишаст ва инфрасохтори мукаммал барои баргузории мусобиқаҳои миллӣ ва байналмилалӣ сохта шудааст. Варзишгоҳ дорои толорҳои варзишӣ, утоқҳои корӣ, ҳаммом ва ҷойи махсус барои меҳмонони фахрӣ мебошад.

Иншоот барои тамрин ва бозии дастаҳои футболи ноҳия, баргузории мусобиқаҳо, тарғиби варзиш ва ҷалби ҷавонону наврасон ба футбол аз ҷониби "Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст.

Дарозию паҳноии майдони футбол 105 ба 68 метр аст. Ин имкон медиҳад, ки бозигарон дар майдони ба талаботи мусобиқаҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бозӣ ва тамрин намоянд.

МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ КАСБОМӮЗӢ

Дар доираи лоиҳаи ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд, Маркази касбомӯзии Вазорати меҳнат дар ноҳияи Восеъ ифтитоҳ шуд. Дар марказ беш аз 150 нафар дар як вақт метавонанд аз рӯи 5 ихтисоси муҳандисиву техникӣ таълим гиранд.

Марказ аз чор ошёна иборат буда, бо тарҳи замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои сохтмонӣ бунёд ёфтааст. Дар марказ имконият фароҳам оварда шудааст, ки ҷавонон, занону духтарон ва шахсони бекор дар самтҳои гуногун омӯзиш гирифта, соҳиби ихтисоси муайян гарданд.

КОРХОНАИ ДӮЗАНДАГИИ «ДУРДОНА»

Дар деҳаи Селбур корхонаи дӯзандагӣ ва маркази хизматрасонии «Дурдона» мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Корхона аз ҷониби соҳибкор Давлатшоҳ Қаҳҳоров бо маблағи 3 миллиону 350 ҳазор сомонӣ бунёд ёфтааст.

Иншооти навбунёд аз ду ошёна, бинои ёрирасон, намоишгоҳи махсуси либос, ҳуҷраи корӣ ва маркази хизматрасонии "Амонатбонк" иборат аст. Дар ин коргоҳи навбунёд 80 кас соҳиби кори доимӣ ва маоши хуб гардидаанд. Коргоҳи дӯзандагӣ ва маркази хизматрасонии «Дурдона» дар як шабонарӯз имкон дорад то 100-110 либоси гуногунро истеҳсол намояд.

МАҶМААИ ВАРЗИШӢ БА НОМИ ЛОЛАХОН ҚАҲҲОРОВ

Маҷмааи нав дар деҳаи Заркамар барои 80 варзишгар дар як вақт хизмат мерасонад. Иншоот ҳамчунин дорои марказҳои таълимӣ, хизматрасонӣ ва забономӯзӣ буда, ба хотири саҳми арзандаи Лолахон Қаҳҳоров дар рушди варзиш ба номи ӯ гузошта шудааст.

Номбурда яке аз шахсони ватандӯст ва ободкори кишвар ба шумор рафта, саҳми ӯ дар рушди соҳаи варзиши кишвар, тарбияи насли наврас ва пешрафти ноҳияи Восеъ назаррас мебошад. Ӯ устоди варзиши дарачаи байналмилалӣ, барандаи чандин мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ ва дорандаи 5 медали тило мебошад.

РОҲҲОИ НАВИ МУМФАРШ ВА ЧАРОҒОН

Дар деҳаи Заркамар роҳҳои нави мумфаршшуда бо инфрасохтори муосир, истгоҳҳои нақлиётӣ ва чароғҳои шабона ифтитоҳ ёфтанд. Бунёди чунин роҳҳо ба беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум ва рушди деҳот мусоидат мекунад. Онҳо бо саҳми сокинон ва соҳибкорони маҳаллӣ бо маблағи зиёда аз ду миллион сомонӣ бунёд гардидаанд.

ҚОИДАИ НАВ БАРОИ АДОИ ҲАҶ



АРАБИСТОНИ САУДӢ БАРОИ ҚАБУЛИ ЗОИРОН ҚОИДАИ НАВРО ҶОРӢ КАРД. АЗ ИН БА БАЪД БАРОИ ГИРИФТАНИ ВИЗА Ё РАВОДИД ЗОИР БОЯД АЗ ТАШХИСИ ТИББӢ ГУЗАРАД.

КӢ БА ҲАҶ РАФТА НАМЕТАВОНАД?

Санади тандурустӣ тавассути пойгоҳи "Nusuk" таҳия карда мешавад. Шарти нав барои сафар ба ҳаҷро Вазорати тандурустии Арабистони Саудӣ эълон кард.

Рӯйхати бемориҳое, ки монеи сафари одамон ба ҳаҷ мешаванд, дароз аст.

Бар асоси ин фехраст, афроде, ки ба шаклҳои вазнини:

- бемории гурда;
- бемории қалб;
- бемориҳои музмини шуш;
- бемориҳои асаб

ва ғайра гирифторанд, наметавонанд ҳаҷ кунанд.

Гирифторӣ ба бемориҳои:
- сироятӣ
- саратон дар марҳилаи охир

ва ҳамчунин:

бонувоне, ки дар моҳҳои охири ҳомилагӣ қарор доранд, низ наметавонанд сафари ҳаҷ кунанд.

Гуфта мешавад, ки мақомоти Арабистони Саудӣ маҳдудиятҳои навро барои ҳифзи бехатарӣ ва сиҳатии зоирон ҷорӣ кардааст. Бо назардошти фавти зоирони зиёд дар солҳои пеш, Арабистони Саудӣ имсол тадобири амниятиро сахттар кардааст, то аз маргумири зиёд дар маъракаи ҳаҷ пешгирӣ шавад.

"NUSUK" ЧИСТ ВА ЧӢ ТАВР ОНРО НАСБ МЕКУНАНД?

Nusuk барномаи электронии Вазорати ҳаҷ ва умраи Арабистони Саудӣ мебошад, ки барои танзими сафарҳои зиёратӣ ба Макка ва Мадина таъсис ёфтааст.

Гуфта мешавад, ки осон кардани раванди бақайдгирии зоирон, пешгирии қаллобӣ ва таъмини амнияти зоирон ва баланд бардоштани сатҳи хидматрасонӣ мақсади асосии ин барнома аст.

Сурогаи "Nusuk" https://hajj.nusuk.sa аст.

Барномаи мазкур ҳам барои ҳаҷи фарзӣ ва ҳам барои умра пешбинӣ шудааст. Вале ҳоло он фақат барои ҳаҷи фарзӣ ҳатмӣ мукаддас ва дигар қавонини Ҳаҷ маълумот медиҳад.

Барномаи "Nusuk" дар "Google Play Store" (барои Android) ё "App Store" (барои iOS) дастрас аст. Ҳамчунин, аз сомонаи https://hajj.nusuk.sa онро боргирӣ кардан имкон дорад.

Барои сабт кардан ба ин барнома зоир бояд:

Маълумоти шахсӣ *(ном, миллат, санаи таваллуд, рақами шиноснома)-ро ворид кунад;*

Рамзро тасдиқ кунад. *Калидвожа созад ва ҳисоби худро бо email ё рақами телефон тасдиқ кунад;*

Акси шиноснома ва акси рангаи 4×6-и худро бо заминаи сафед ба барнома ворид намояд.

Маълумоти воридкардаи шумо аз 2 то 4 ҳафта санҷида шуда, пас аз тасдиқ барои пардохт ҳамёни электронии дорои ҳисоби IBAN кушода мешавад. Пас аз ин зиёраткунанда имкон пайдо мекунад, ки ба бахши "Hajj Packages" даромада, бастаро интихоб ва пардохт кунад. Баъди хариди баста, низом ба таври худкор раводиди электрониро таҳия мекунад.

Пас аз ин, зиёраткунанда метавонад чиптаи ҳавопаймо харидорӣ карда, ба сафар омодагӣ бинад.

Пас аз ин дар барномаи Nusuk маълумоти зерин дар бораи зиёраткунанда дастрас мешавад:

- Маълумоти шахсӣ;
- Дафтарчаи тиббӣ;
- Ҷои истиқомат дар Макка;
- Ширкати хидматрасоне, ки шаҳрванд аз он истифода мекунад;
- Маълумоти роҳбари гурӯҳ.

Ёдовар мешавем, Ҳаҷ яке аз панҷ фарзест, ки ҳар мусалмон бояд адо кунад. Ҳамасола то 6 ҳазор Тоҷикистонӣ имкон доранд ба зиёрати Ҳаҷи фарзӣ бираванд. Илова бар ин, солҳои охир ҳазорон тоҷикистонӣ барои ҳаҷи умра ба Арабистон мераванд.

Соли 2024 ба сабаби гармои сахт ва ҳарорати 51 дараҷа, бештар аз 1300 зоир дар Арабистони Саудӣ зимни адои маносики Ҳаҷ ҷон доданд.

Бо назардошти фавти зоирони зиёд Арабистони Саудӣ имсол тадобири амниятиро сахттар кардааст, то аз маргумири зиёд дар маъракаи ҳаҷ пешгирӣ шавад.

СОКИНОНИ КИШВАР ЧОР РӮЗ ИСТИРОҲАТ МЕКУНАНД

Ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистон сокинони кишвар чор рӯз пайиҳам - 6, 7, 8 ва 9-уми ноябр истироҳат мекунанд. Дар ин бора аз Федератсияи мустақили иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ хабар медиҳанд.

Гуфта мешавад, ки бо мақсади истифодаи оқилонаи рӯзҳои корӣ, рӯзи шанбеи 1-уми ноябр рӯзи корӣ ва рӯзи ҷумъаи 7-уми ноябр рӯзи истироҳат эълон шудааст.

Ба иттилои ин ниҳод, онҳое, ки панҷ рӯзи корӣ доранд, метавонанд аз 6-уми ноябр то 9-уми ноябр истироҳат кунанд ва 10-уми ноябр ба кор бароянд. Вале онҳое, ки ҳафтаи шашрӯзаи корӣ доранд, 2 рӯз истироҳат мекунанд ва рӯзи 8-уми ноябр барои онҳо корӣ аст.

Ёдовар мешавем, ки мувофиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи рӯзҳои ид" Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистон, ки ҳамасола 6-уми ноябр таҷлил мешавад, ҳамчун рӯзи истироҳат муқаррар гардидааст.

НАҚШАИ ДАЪВАТ ҚАРИБ 90% ИҶРО ШУД

Нақшаи даъват ба артиш дар Тоҷикистон 86% иҷро шудааст. Дар ин бора Вазорати мудофиаи кишвар рӯзи 22-юми октябр хабар дод.

Ин ниҳод хабар медиҳад, ки то 20-уми октябр худуди 40 шаҳру ноҳия нақшаи даъват ба хидмати ҳарбиро пурра иҷро кардаанд.

Бар асоси оморе, ки ин ниҳод нашр кардааст, минтақаҳои Тоҷикистон ба таври зайл нақшаро иҷро кардаанд:

ВМКБ - 101,2%;
Вилояти Хатлон - 97%;
Душанбе - 87%;
Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 80%;
Вилояти Суғд - 73%.

Даъвати тирамоҳӣ ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи кишвар аз 1-уми октябр оғоз гардида, то 30-юми ноябр идома хоҳад кард.

САРИ САБЗ



Сайёра САФАРӢ,
ҳунарманди маъруфи тоҷик

- Он лаҳзаҳо зебо буданд. Ҳар гоҳе ки барқ хомӯш мешуд, модарам шамъро рӯшан мекард ва маҳз дар ҳамон торикию хомӯшии хона илҳоми бозигариам пайдо мешуду ба «телевизори зинда» табдил мешудам.


- Ҳаҳаҳаҳ, офарин, воқеан ҳунармандед! Барои чунин дастгирӣ бояд аз "Барқи тоҷик" подоши заҳмат ва ё туҳфае бигиред. Воқеан, дар бисёр ҳолатҳо хомӯш шудани барқ фоидаи зиёд дорад.



Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шурои уламо

- Падару модар қаламу коғаз надоштанд, ки бинависанду бикашанд, ки қаду қомат чӣ қадару биниву гӯшу чашм чӣ гуна бошад ё каси оянда интихоб накарда буд, ки шаклу намудаш чӣ гуна бошад... Дар беҳтарин сурат офарида шудай, ҳоло ахлоқатро беҳтар кун.

- Домулло, нашавад ки бо ин зиддият ба хашми "ботекс"-у "тату"-дорҳо гирифтор шавед? Хусусан дар ин замоне, ки ҳар як баҳсро блогерҳо ба майдони шабакаҳои иҷтимоӣ кашида истодаанд...



Гулноза ХОҶАЕВА,
қаҳрамони асосии "Ҳусури ман"

- Умумияти Гулноза-ву Зайнаб ҳамин аст, ки ҳар ду якраву тарафдори ҳақиқатанд. Ман аз тарзи зиндагии қаҳрамони бозидаам ҳаминро фаҳмидам, ки агар бо бадон нек рафтор кунӣ, онҳо аз бадиашон даст мекашанд, зеро аз корҳои кардаашон рӯзе шарм медоранд.

- Ҳмм, ҳоло ҳам ҷавону нопухта будаед. Бисёр ҳолатҳое мешавад, ки вақте бо бадон нек рафтор мекунӣ, фикр мекунанд метарсӣ ва шарм надоштаву бадиро дучанд мекунанд.

Зан нахуствазири Ҷопон шуд

Дар таърихи Ҷопон нахустин бор зан сарвазир таъйин шуд. Санаэ Такаитири 64-соларо рӯзи сешанбе нахуствазир интихоб карданд.



Такаитии 64-сола, ки ахиран раиси Ҳизби либерал-демократи Ҷопон баргузида шуда буд, аз чанд муддат ба ин тараф гузинаи эҳтимолӣ барои раҳбарии ҳукумат матраҳ буд. Такаити рӯзи 21-уми октябр пас аз дидор бо императори он кишвар, расман ба кор оғоз кард.

Ӯ рӯзи 20-уми октябр ваъда дод, ки "иқтисоди Ҷопонро қавитар бисозад ва ин кишварро тавре бозсозӣ кунад, ки битавонад дар баробари насли оянда масъулиятпазир бошад".

Гуфта мешавад, ки хонум Санаэ Такаити як сиёсатмадори миллигарои муҳофизакор аст ва пештар вазири амнияти иқтисодӣ ва умури дохилӣ будааст. Ӯ барномаи молии тавсеаталабонае барои чаҳорумин иқтисоди бузурги ҷаҳон дорад.

Мулоқоти Трамп ва Путин ба таъхир афтод

Дидори Доналд Трамп ва Владимир Путин, раисҷумҳурҳои Амрико ва Русия, ки қарор буд дар шаҳри Будапешти Маҷористон баргузор шавад, ба вақти номуайян ба таъхир афтодааст.



Як мақоми Кохи сафед рӯзи 21-уми октябр ба хабарнигорон гуфтааст, ки ҳеҷ барноме барои дидори Трамп ва Путин дар “ояндаи наздик” вучуд надорад. Ин дар ҳолест, ки чанд рӯз пеш раисҷумҳури Амрико пас аз суҳбати телефонӣ бо ҳамтои русаш гуфта буд, ки эҳтимол “дар ду ҳафтаи оянда” дар Маҷористон бо ӯ вохӯрад. Мавзуи асосии дидори эҳтимолии онҳо поён додан ба ҷанг дар Украина гуфта мешуд. Трамп дар шарҳи ба таъхир афтодани мулоқоташ бо Путин гуфтааст, ки намехоҳад вақташро “беҳуда” сарф кунад ва мулоқоти “бефоида” дошта бошад.



«ЛУВР»-РО КӢ ҒОРАТ КАРД?

Дар Фаронса гурӯҳи иборат аз 60 муфаттиш дар пайи боздошти гурӯҳи дуздони ҷавоҳироти беназири таърихӣ аз осорхонаи маъруфи “Лувр” мебошанд.

Ба қавли Вазорати фарҳанги Фаронса, субҳи 19-уми октябр, дар рӯзи рӯшан гурӯҳи муташаккилонаи дуздон худро усто вонамуд карда, тавассути зинапояи баркӣ дохили бино шуда, аз гӯшаи “Аполло” - макони нигаҳдошти ҷавоҳироти салтанатии Фаронса ҳашт нигораи бебаҳо ва аз ҷумла тоҷи ҳамсари Наполеон - маликаи Фаронса Мария Луизаро ба яғмо бурдаанд.

Шоҳидони ин ҳодиса мегӯянд, ки аснои фирор дуздон тоҷро, ки аз пораҳои алмос ва дигар сангҳои гаронбаҳо оро дода шудааст, афтонидаанд ва эҳтимол он зиён дида бошад.

Хабаргузории “Рейтерс” аз корбаронаш навори ин ҷавоҳиротро дастрас намудааст. Дуздӣ боиси вокунишҳои ғазаболуд дар ҷомеаи Фаронса гардида, масъалаи амнияти муассисаҳои фарҳангиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст.

Дар осорхонаи Лувр соли 1911-ум наққошии «Мона Лиза» ҳам рабуда шуда буд. Баъд аз ду соли тафтишот маълум шуд, ки дуздиро яке аз кормандони музей ташкил кардааст. Дузд боздошт ва наққошии бебаҳо ба ҷояш баргардонида шуд.

ИМА БА УКРАИНА “ТОМАҲАВК” НАМЕДИҲАД

ИМА ба Украина мушакҳои болдори “Томаҳавк” намедиҳад. Дар ин бора Владимир Зеленский, президенти Русия баъди мулоқот бо Доналд Трамп хабар дод.



Ба гуфтаи вай гуфтугӯхо дар ин бора идома хоҳад кард. Сабаби рад шудани ин пешниҳод ба он рабт дода шудааст, ки Вашингтон намехоҳад ҷанг вусъат ёбад.

Зеленский дар мулоқот дар Кохи Сафед гуфт, ки барои музокира бо Владимир Путин ва қатъи ҷанг омода аст. Вай бо президенти Амрико масъалаи замонати амниятиеро, ки Украина мехоҳад, матраҳ кард. Гуфтугӯи Зеленский ва Трамп беш аз ду соат идома кард. Пас аз ин, Трамп дар саҳифаи иҷтимоии Truth навишт: “Дидор бо президенти Украина Владимир Зеленский бисёр ҷолиб ва гарм буд, вале ман ба ӯ ҳам мисли президент Путин гуфтам, ки вақти хатми куштору ба созиш расидан аст. Ба қадри кофӣ хун рехт, тамоми марзҳо ба хун кашида шуданд. Бигзор ҳарду ҷониб худро пирӯз эълон кунанд, бигзор инро таърих хулоса кунад. Ҳар ҳафта ҳазорҳо нафар кушта мешаванд. Бас аст! Бо сулҳ ба хонаҳои худ баргарданд”.

Зеленский ҳам гуфт, ки бо Трамп мувофиқ аст ва ҳар ду ҷониб бояд бас кунанд: “Вале мо дарк мекунем, ки гап сари Путин аст, ин ҷангро мо оғоз накардем”. Президенти Украина таъкид кардааст, ки ба ҳама гуна музокироте, ки барои кишвараш сулҳ меорад, омода аст.

Аммо дар мавриди додани мушакҳои дурпарвоз ба Украина, Владимир Зеленский дар суҳбат бо телевизиони NBC гуфтааст, ки дар ҳар сурат умедро барои дарёфти “Томаҳавк”-и амрикоӣ аз даст нахоҳад дод. “Ин хуб аст, ки президент Трамп “не” нагуфт, вале имрӯз “ҳа” ҳам нагуфт”.

Аз ин пеш гуфта мешуд, ки Зеленский зимни дидору гуфтугӯяш бо Трамп рӯзи 17-уми октябр аз президенти Амрико аз ҷумла мушакҳои дурпарвози "Томаҳавк" дархост менамояд.

Путин хушдор додааст, ки додани мушакҳои "Томаҳавк" ба Украина барои раванди сулҳ кумаке намекунад ва баръакс метавонад равобити Вашингтону Маскавро сард намояд.

ОТАШБАСИ ТОЛИБОН ВА ПОКИСТОН

Ҳукумати Толибон ва Покистон барои қатъи ҷанг ва барқарории оташбаси фаврӣ ба созиш расидаанд. Ин тавофуқ дар ҷараёни музокироти ду тараф, ки рӯзи 18-уми октябр бо миёнҷигарии Қатар ва Туркия дар шаҳри Давҳа оғоз шуда буд, ҳосил шудааст.



Дар ин гуфтугӯҳо ҳайати Толибонро Мулло Яъқуб Муҷоҳид, вазири дифои ҳукумати ин гурӯҳи ҳоким дар Афғонистон ва ҳайати Покистонро Хоҷа Муҳаммад Осиф, вазири дифои ин кишвар раҳбарӣ мекарданд.

Вазорати корҳои хориҷии Қатар рӯзи 19-уми октябр эълон кард, ки бар асоси созишномаи оташбас, ду тараф аҳд бастаанд, ки аз даргирӣ ва танишҳои низомӣ худдорӣ карда, барои таҳкими сулҳу суботи пойдор кумитаҳои фаннии муштарак таъсис диҳанд.

Ҳамчунин, Толибон ва Покистон ба созиш расидаанд, ки дар рӯзҳои оянда нишастҳои бештаре баргузор кунанд, то аз побарҷо мондани оташбас итминон пайдо карда, барои пешгирӣ аз ҳама гуна нақзи эҳтимолӣ тадбирҳои заруриро баррасӣ намоянд.

Бояд гуфт, дар даргириҳои ду ҳафтаи охир миёни неруҳои ҳукумати Толибон ва кишвари Покистон садҳо тан кушта ва захмӣ шудаанд.

ПРОКУРАТУРАҲОИ КИШВАРҲОИ ИДМ

алайҳи таҳдидҳои фаромиллӣ муттаҳид мешаванд

Дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 35-уми Шурои ҳамоҳангсозии прокуророни генералии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид. Дар он ҳайатҳои мақомоти прокуратураи генералии давлатҳои Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Ӯзбекистон иштирок намуданд.



Дар ҷаласа муовини Прокурори генералии Туркманистон, муовини Котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Котиби генералии Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (САҲД), раиси Кумитаи Думаи давлатии Федератсияи Русия оид ба аманият ва муқовимат ба коррупсия, роҳбари Маркази зиддитеррористии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва раиси Шурои роҳбарони воҳидҳои иктишофи молиявии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи 35-уми Шурои ҳамоҳангсозии прокуророни генералии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тачрибаи бехтарини мақомоти прокуратураҳои генералии ин давлатҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуд.

Дар ин ҷаласа аз ҷумла масъалаҳои муҳими марбут ба таъмини амнияти экологӣ, мусодираи амволи ғайриқонунии бадастовардашуда, такмили низоми чорабиниҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, автоматикунонӣ ва мониторинги таҳлилии баррасии мурочиатҳои шаҳрвандон ва мубориза бо расмиятчигӣ дар шикоятҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳифзи ҳуқуқи ноболиғон, мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, экстремизм ва терроризм, назорат аз болои иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи сохтмон баррасӣ гардида, доир ба онҳо таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд.

Инчунин, дар ҷаласа вазъи ҷиноятҳои корҳои тафтишотӣ, фаъолияти прокурорӣ, амалияи татбиқи шартномаҳо дар соҳаи ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои корӣ дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2024, татбиқи барномаҳои ҳамкории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2024, аз ҷумла «Барномаи байнидавлатии тадбирҳои муштарак оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм барои солҳои 2023-2025», «Барномаи ҳамкории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар таҳкими амнияти сарҳадӣ дар сарҳадҳои беруна барои солҳои 2021-2025» мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамзамон, дар ҷаласа бо овоздиҳии умумӣ Прокурори генералии Федератсияи Русия Александр Гутсан раиси Шурои ҳамоҳангсози мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интихоб гардид.

Дар ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсозӣ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Қирғизистон Максат Асаналиев бо нишони сарисинагии «Прокурори фахрии ИДМ» сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин, дар доираи ҷаласаи 35-уми Шурои ҳамоҳангсозии прокуророни генералии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил воҳӯрии дуҷонибаи прокуророни генералии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла мулоқоти дуҷонибаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо прокуророни генералии ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид. Дар онҳо масъалаҳо вобаста ба таҳкими ҳамкорӣ байни мақомоти прокуратураҳои генералии Тоҷикистону Қирғизистон ва Тоҷикистону Ӯзбекистон баррасӣ гардиданд.

МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ТЕРРОРИЗМ

Вазирони мудофиаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ

Вазирони мудофиаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ дар шаҳри Самарқанди Ӯзбекистон “мубориза муштарак алайҳи терроризми байналмилалӣ”-ро баррасӣ кардаанд.



Расонаҳои давлатии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон навиштаанд, ки мулоқоти рӯзи 20-уми октябр нахустин нишасти панҷ вазир дар масоили “таъмини амният” будааст.

Сомонаи Вазорати мудофиаи Тоҷикистон навиштааст, ки Эмомалӣ Собирзода, вазири дифои Тоҷикистон бо чор ҳамтои худ аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон “масъалаҳои таъмини амният дар минтақа, тавсеаи ҳамкориҳои низомӣ ва низомӣ-техникӣ байни кишварҳо, инчунин бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии мубориза муштарак алайҳи терроризми байналмилалӣ”-ро баррасӣ кардаанд.

Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон дар номае ба вазирони дифои кишварҳои Осиёи Марказӣ гуфтааст, ки дар шароити таҳдидҳои амниятӣ ниҳодҳои панҷ кишвар бояд ҳамкории ҷиддӣ дошта бошанд. Ӯ гуфтааст, ки ҳамкориҳои панҷ кишвари Осиёи Марказӣ “ба сатҳи ҳамкориҳои стратегӣ” расидааст.

Дар хабарномаҳои расмӣ гуфта нашудааст, ки манзур аз “таҳдидҳои амниятӣ” чист, вале ҳамоиши вазирони қудратии Осиёи Марказӣ дар Самарқанд камсобиқа аст.

Раҳбарони панҷ кишвари Осиёи Марказӣ борҳо ба иттиҳоди минтақавӣ даъват кардаанд, вале ҳанӯз чунин иттиҳоде шакл нагирифтааст, ҳарчанд ба назар мерасад, ки муносибати ин кишварҳо бехтар шудааст.

РЕЗААХБОР

Хонандаҳои мактабҳои Тоҷикистон аз 1 то 7-уми ноябр ба таътили тирамоҳӣ мебароянд. Дар ин бора Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон хабар медиҳад. Ба гуфтаи манбаъ, имсол таътили зимистона аз 1 то 7-уми январ ва таътили баҳорӣ аз 25 то 29-уми март давом мекунад.

***

Дар се соли охир 242 мутахассиси соҳаи тиб аз Тоҷикистон барои гузаштани даврaҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои тиббии Эрон ба ин кишвар фиристода шудаанд. Ҳамчунин, дар назар аст 60 нафари дигар барои омӯзиш дар даврaҳои кӯтоҳмуддат ба Эрон раванд. Ин нуктаро Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустии Тоҷикистон дар вохӯрӣ бо Алиризо Ҳақиқиён, сафири Эрон дар Душанбе зикр кард.

***

Аз 27 то 31-уми октябр дар Маркази фарҳангии “Diar Dushanbe” (кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, 1/2) 8-умин Фестивали филмҳои фаронсавӣ баргузор мегардад. Ҳар шом соати 18:00 тамошобинон метавонанд филмҳои фаронсавиро дар асли худ бо субтитрҳои русӣ бепул тамошо кунанд. Барнома: 27:10 - “Паланги барфӣ”; 28:10 - “Бадбахтии Софӣ”; 29:10 - “Ҳар лаҳза”, 30:10 - “Ғайби тӯлонӣ”; 31:10 - “Дилилӣ дар Порис".

***

Дар Душанбе 350 адад камераҳои ҳудкори назоратии нақлиётӣ насб мешаванд. “Аллакай дар 67 минтақа назди истгоҳҳои нақлиётӣ 71 адад камераи назоратӣ насб шудаанд”,- иттилоъ дод шаҳрдорӣ. Тибқи нақша, соли равон 181 адад ва соли оянда 100 адад камераи назоратӣ барои ба таври худкор сабт намудани қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ насб карда мешаванд.

***

Аз кишварҳои хоричи дур наздики 131 ҳазор нафар тайи 9 моҳ меҳмони Тоҷикистон шудаанд. Чину Афғонистон пешсафанд. “Шумораи меҳмонони Тоҷикистон аз Чин - 30,4 ҳазор нафар, Афғонистон - 13,9 ҳазор, Эрон - 6,8 ҳазор, ИМА - 10,3 ҳазор, Олмон - 6,7 ҳазор, Туркия - 5,1 ҳазор, Ҳиндустон - 3,7 ҳазор, Италия - 3,4 ҳазор, Ҷопон - 3,3 ҳазор, Фаронса - 3 ҳазор, Покистон - 2,8 ҳазор, Британияи Кабир ва Ҷумҳурии Корея - 2,5-ҳазорнафарӣ ва Канада 2,1 ҳазор нафарро ташкил доданд”,- иттилоъ дод Агентии омори Тоҷикистон.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



ДАР БУНБАСТ

Дар чунин шароит маъракаи интихобот ба як санҷиши ҷиддӣ табдил ёфт. Саволҳои зиёде пеш меомаданд: чӣ гуна бояд тарғиботчиён аз Душанбе ба Панҷакент бурда шаванд? Чӣ гуна метавонистем паёми номзадро ба мардум расонем, вақте ки роҳҳо баста буданд, муносибатҳо миёни ҷумҳуриҳо сард шуда буд ва умедҳо ба оянда норавшан менамуданд? Ҳар қадам дар зоҳир осон менамуд, аммо дар асл пур аз монеа, тарсу шубҳа ва ноустуворӣ буд.

Дар чунин вазъ роҳи ягона такя ба мардуми бомаърифати маҳаллӣ буд. Чӣ қадар душворӣ набошад ҳам, бовар ба он мардум, ки решаҳояшон ба тамаддуни шашҳазорсолаи Саразм ва Самарқанд пайвастагӣ дошт, умед мебахшид. Маҳз ба чунин мардум метавонистем такя кунем: ба пирони оқил, ки тачрибаи ҳаётро бо ибрати хирад омехта буданд; ба муаллимони соҳибэҳтиром, ки наслҳои зиёдро бо илму маърифат парвариш дода буданд; ба табибони бообрӯ, ки бо дасти шифобахши худ на танҳо беморро, балки эътимоди мардумро низ табобат мекарданд.

Инҳо шахсиятҳое буданд, ки мардум суханашонро мешунидand ва ба онҳо бовар доштанд. Як пири деҳа бо сухане метавонист рафти овоздиҳиро дар ҷамоат тағйир диҳад. Муаллим бо ҳарфе метавонист дили даҳҳо шогирди собиқашро, ки саркори хонавода ва фарзандон буд, ба номзаде гарм кунад. Як табиби мардумӣ метавонист дар байни беморон ва наздиконашон эътимодро бедор намояд.

Натиҷаи интихобот, пеш аз ҳама, аз ҳамин гуна шахсиятҳо вобаста буд. Чӣ қадар ки гурӯҳҳои сиёсӣ кӯшиш мекарданд мардумро бо шиору овеза ҷалб кунанд, ҳамин шахсиятҳои маҳаллӣ буданд, ки бо обрӯву маърифат овозҳоро ба самти худ мекашиданд.

Аз ҳамин рӯ, мо фаҳмидем, ки маъракаи интихобот танҳо як муборизаи сиёсӣ нест, балки як санҷиши маънавӣ низ ҳаст: санҷиши эътимод ба мардум ва санҷиши қудрати шахсиятҳое, ки реша дар замини худ доштанд. Онҳо сутунҳое буданд, ки маъракаро пеш мебурданд ва натиҷаи интихобот аз сухану раъйи онҳо вобаста буд.

МУЛОҚОТ ДАР ПАНҶРӮД

Аввалин мулоқоти номзадҳо ба вакилӣ дар деҳаи Панҷрӯди ҷамоати Рӯдакӣ баргузор гардид. Он рӯз толори маҷлис ба маъракаи бузурге табдил ёфта буд, аз серодамӣ ҷои сӯзан задан набуд. Қисме аз мардум ҳатто ба деворҳо такя карда, рост меистоданд, гурӯҳе аз пушти тирезаҳо тамошо доштанд. Ҳама бо кунҷковӣ ва умед ба сӯи минбар менигаристанд. Ҳар кас мехост бидонад, ки оянда чӣ меорад ва кадоме аз номзадҳо метавонад садои онҳоро ба марказ бирасонад, мушкилоти солҳо ҷамъшударо ҳал намояд.

Аввалин шуда Абдухолиқ Холиқов – муаллими мактаби деҳа ва шахси боэътимоди Муродуллоҳ Шерализода ба минбар баромад. Ӯ инсоне буд, ки дар миёни мардум обрӯву эътибор дошт. Холиқназар суханашро чунин оғоз кард:

– Имрӯз назди шумо се номзад қарор доранд. Шумо бояд яке аз онҳоро вакили худ интихоб намоед, то садои шумо дар парлумон шунида шавад. Албатта, ҳар кадоми шумо дар интихоб соҳибихтиёр ҳастед, вале ба хотир дошта бошед: мою шумо ҳақ надорем ба саҳлангорӣ роҳ диҳем. Имрӯз сухан танҳо дар бораи курсӣ ё вакил не, дар бораи сарнавишти ҷумҳурӣ меравад. Бояд пеши худ савол гузорем: оё шахсе, ки мо вакил интихоб мекунем, метавонад ҳавзаро дар ин рӯзҳои душвор ва пурошӯб намояндагӣ кунад? Оё ӯ тачрибаи зиндагӣ, дониши сиёсӣ ва ҳунари роҳнамоӣ дорад?

Он шахс бояд арзанда: на танҳо суханвар, балки сиёсатмадор; на танҳо рӯзноманигор, балки шахси амал; на танҳо фарзанди миллат, балки муҳофизи ояндаи он бошад.

Ман имрӯз мехоҳам номзади арзанда, фарзанди худатон Муродуллоҳ Шерализодаро ба шумо муаррифӣ намоям. Ӯ на танҳо инсони бофарҳангу соҳибмаърифат аст, балки шахсиятест, ки номи диёрамонро борҳо баланд бардоштааст. Дар ёд доред соли 1958, дар ҷашни 1100-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, вақте ки ӯ бо сухан ва қироати шеъри пурмазмун меҳмонони хориҷиро ба ҳайрат овард? Он рӯз номи диёрамонро ӯ то қуллаи кӯҳи Чимтарға баланд бардошт.

Имрӯз ҳамон мактабхони соҳибистеъдод ба марди комил ва сиёсатмадор табдил ёфтааст. Ӯ метавонад садои шуморо ба марказ расонад, метавонад аз ҳаққи шумо дифоъ кунад, метавонад дар парлумон намояндаи сазовори ин мардум бошад. Аз ин рӯ, ман бо ифтихор Муродуллоҳ Шерализодаро ба шумо ҳамчун номзади арзанда муаррифӣ мекунам...

МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА БА МИНБАР БАРОМАД

Мавҷи кафкӯбӣ дар толор баланд шуд. Шерализода, ки табиатан нотиқ буд, бо оромӣ ба минбар баромад. Суханашро аз вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ оғоз кард, сипас ба масъалаҳои ҷаҳонӣ ишора намуд ва бо таҳлили мушкилоти ҳавзаи интихоботӣ суханро ҷамъбаст намуд. Ӯ таъкид кард, ки мардуми ин сарзамини кӯҳанбунёд ҳамеша бо маърифат ва дарки баланди худ фарқ мекарданд. Ба ёд овард, ки аз ҳамин ҳавзаи Кулолӣ дар солҳои 30-40 устод академик Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун вакил ба порлумон интихоб карда будед, шахсияте, ки номи ӯ то имрӯз дар саҳифаҳои таърих боқӣ мондааст.

Мавқеи Шерализода зуд ошкор гардид: ҳангоми суханронӣ маълум мешуд, ки мардум ба ду номзади дигар таваҷҷуҳи камтар доранд. Ҳама саволҳо асосан ба Шерализода нигаронида мешуданд. Мардумро беш аз ҳама сарнавишти Иттиҳоди Шуравӣ ба ташвиш меовард. Саволҳо пай дар пай садо медоданд:

– Рақобати Борис Елтсин бо Михаил Горбачёв бо чӣ меанҷомад?

– Оқибати кашмакашҳои ҳизбу ҷунбишҳои мухталиф дар ҷумҳурӣ чӣ хоҳад шуд?

– Агар шумо вакил интихоб шавед, нахустин коре, ки барои мардуми деҳа мекунед, кадом аст?

Шерализода ба ҳар савол бо мулоҳиза ва таҳлилҳои амиқ посух медод. Вай на танҳо ояндаи сиёсии Иттиҳодро таҳлил мекард, балки аз мушкилоти рӯзмарраи мардум – роҳ, мактаб, беморхона ва замин низ сухан мегуфт. Ҳар ҷавобаш бо далел, бо оромӣ ва бо эътимод садо медод.

Саволу ҷавобҳо то дер идома ёфтанд. Мардум бо шавқу ҳаяҷон баҳс мекарданд, гоҳ бо ҳам мунозира менамуданд, вале аз чеҳраҳояшон дида мешуд, ки ба Шерализода эътимод доранд. Ӯ бо сабр ҳар саволро мешунид, ҳатто ба саволҳои сахту моҷароангез, ки дастнишондаҳои ҳарифонаш медоданд, бо нармӣ ва табассум ҷавоб медод.

Вақте маҷлис ба анҷом расид, мардум ӯро дар берун гирд гирифтанд. Боз саволҳо, боз умеду орзуҳо. Гӯё касе дар торикии замон чароғ афрӯхта бошад.

Он рӯз Шерализода барои мардум танҳо як номзад набуд. Ӯ ба чашми онҳо шахсе менамуд, ки метавонад садояшонро ба парлумон бирасонад. Ва дар ҳавои пуршубҳаю ноумедии он солҳо, муҳимтар аз ҳама эътимод буд.

АРТУЧ, ШАБИ ПЕШ АЗ МУЛОҚОТ

Рӯзи дигар, 12-уми феврал, дар деҳаи Артуч, яке аз калонтарин деҳоти ҷамоати Рӯдакӣ бояд мулоқоти Муродуллоҳ Шерализода бо сокинони Артуч, Яккахона ва Мадовра барпо мешуд. Мо бегоҳӣ дер ба Мадовра, ба хонаи бобои Ашӯр расидем.

Роҳ мисли нақби сафед, аз ду тараф барф кӯрпа зада буд. Ҳавои хира, барфи лак-лак меборид.

Бобои Ашӯр, ки ҳамсинф ва дӯсти наздики Муродуллоҳ буд, моро бо оғуши боз пешвоз гирифт. Аз дур, дар зери пардаи барф, овози пирмарде ба гӯш мерасид:

– Ҳа, дардат занад, бачаи Шералӣ, биё!

Мӯйсафед ба ман нигарист:

– Бачаи Ҳамдами ҷӯраи ман ҳам омад. Мо бо падарат зери як кӯрпа калон шудагӣ...

Ин овози амаки Амонбой буд. Суханонашон чун бӯи нони нав аз танӯр канда, ки аз дари хона берун мезад, гарму ҳаловатбахш буд.

Дар меҳмонхона аллакай дастархон густурда буданд. Мо болопӯшро бадар кардем, чорзону зада, рӯи кӯрпача нишастем. Печкаи оҳанин аз алоби зиёд сурх шуда буд.

– Зер кун ҳезума, бачаҳо хунук хӯрданд, – амр доданд амаки Амонбой ба алобмон.

Суҳбат ҳам оҳиста-оҳиста гарм шуд. Амаки Амонбой аз зиндагии худ қисса мекарданд: аз кӯдакӣ, бепадарӣ, сахтии рӯзгор. Овозашон, даме ки меҳандиданд, ҷарангос мезад.

Дар гӯшаи хона радиои дастии VEF-и Муродуллоҳ Шерализода, ки ҳамсафари доимии ӯ буд, паст садо медод. Хабар ҳамсафари ӯ буд. Ҳоло фикр мекунам, ҳамин хислатро Отахон Латифӣ ҳам дошт.

Аз гармӣ ҳавои хона танг шуда буд. Ба берун баромадам. Осмон ба гапи мардуми ин деҳа ғип гирифтагӣ, барф қади одам хеста буд. Рӯи ҳавлӣ марде бо бели чӯбин ҷониби ташноб роҳ мекушод. Ба назар мерасид, ки зимистон тамоми сардии худро ба сари ин деҳа рехтааст. Ба соат нигаристам. Дуи шаб шуда буд.

Боз ба хона даромадам. Радио баланд садо медод. Ҳама гӯшу ҳуш шуда буданд. Хабари ошӯб дар Душанбе пахш мешуд.

Ошуфтагӣ дар чеҳраи сурхгаштаи Муродуллоҳ аз гармии хона буд ё аз хабари ногаҳонӣ, ки баръало ба чашм мехӯрд.

– Дар чунин лаҳзаҳо дар пойтахт набудан аз рӯи инсоф нест, ман бояд равам, – гуфт Муродуллоҳ.

– Мулоқот бо интихобкунандагон чӣ мешавад?, – пурсидам ман.

– Шумоён гузаронед, ман меравам. Аз ин хабар бӯи ҷанг меояд.

Суханаш мисли шамшер дар фазо барқ зад. Ҳеч кас дигар чизе нагуфт. Ҳама берун баромадем.

Барф то зону мезад, ҳама ҷоро тахту ҳамвор карда буд. Роҳро аз бероҳа фарқ кардан имкон надошт.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

НИГАРОНӢ

ҲУШДОРИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТ

Вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим танбашавии роҳҳоро яке аз чолишҳои ҷиддии соҳаи нақлиёт ва роҳсозӣ арзёбӣ карда, изҳор дошт, ки ин мушкил ҳалли таъхирнопазирро талаб мекунад.



Ӯ ин нуктаро зимни ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти 9 моҳи соҳа баён намуда, таъкид кард, ки афзоиши аҳолӣ ва миқдори мошинҳо, бахусус дар пойтахт ва шаҳрҳои бузурги кишвар, сабаби асосии танбашавиҳо мебошад.

“Танбашавиҳо боиси дер расидани мардум ба кор, садамаҳо, харҷи зиёди сӯзишворӣ, ифлосшавии ҳаво ва асабонияти ронандагону мусофирон мегардад. Ин вазъ ҳатто ба кори хадамоти таъҷилӣ, ба монанди “Ёрии таъҷилӣ” халал мерасонад”,- афзуд ӯ.

Ба иттилои Вазорати нақлиёт, то 1-уми октябри соли ҷорӣ дар кишвар 701 ҳазору 231 воситаи нақлиёт ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 10,8% бештар аст. Танҳо дар Душанбе шумораи мошинҳо ба 145 ҳазор наздик шудааст.

Вазири нақлиёт аз сохторҳои марбута талаб кард, то дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор пешниҳодҳои мушаххас ва тадбирҳои таъҷилӣ барои коҳиши танбашавиҳо манзур намоянд.


Пештар масъулони шаҳрдории Душанбе низ изҳори нигаронӣ карда буданд. Муовини раиси шаҳр пешниҳод намудааст, ки истифодаи мошинҳои шахсӣ дар маркази пойтахт маҳдуд шавад ва ҳаракат бо пардохти маблағ сурат гирад.

Сарфи назар аз амалигардонии як қатор чорабиниҳо, аз қабили бастани гузаргоҳҳо, сохтани истгоҳҳои нав ва пешниҳоди сохтмони метро, вазъ беҳбуд намеёбад, ки ин боиси нигаронии шаҳрвандон ва меҳмонон гардидааст.

АНДОЗ

ҶАМЪОВАРИИ АНДОЗҲО ҚАРИБ 15% ЗИЁД ИҶРО ШУД

Нақшаи ҷамъоварии андоз ва пардохтҳои ҳатмӣ дар 9 моҳи соли 2025 бо 14,6% афзоиш иҷро гардид. Дар натиҷа, зиёда аз 2 миллиард доллар ба буҷети давлатӣ ворид шуд.



Ба иттилои Кумитаи андози назди Ҳукумати Тоҷикистон, дар ин муддат ба ҷойи 16 миллиарду 967,4 миллион сомонии пешбинишуда 19 миллиарду 446,5 миллион сомонӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Ин нишондод нисбат ба нақша 2,479 миллион сомонӣ бештар буда, онро масъулин натиҷаи рушди иқтисодӣ ва рақамисозии низоми андоз медонанд.

«Барзиёд иҷро гардидани нақша асосан ба воситаи тадриҷан такмил ёфтани расмиёти маъмурии андоз, хидматрасониҳои электронӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва тадбирҳои назоратӣ, ки бар асоси идоракунии хавфҳо роҳандозӣ шудаанд, таъмин гардид»,- омадааст дар иттилоияи кумита.

Саҳми минтақаҳо дар иҷрои нақша:

- *Душанбе - 19,6%*
- *Раёсати андозсупоранда ва калон - 13,7%*
- *Ноҳияҳои тобеи марказ - 8%*
- *Вилояти Суғд - 6,7%*
- *ВМКБ - 4,6%*
- *Вилояти Хатлон - 1,6%*

Вазорати молияи Тоҷикистон мегӯяд, ки дар ҳаҷми умумии даромади буҷет дар моҳҳои январ-июл 65,9%-и онро пардохти андозҳо ташкил додааст. Ба андозҳои асосӣ андоз аз даромад, арзиши иловашуда ва аксизҳо дохил мешаванд. Барои соли 2025 нақшаи воридоти маблағ ба буҷет аз ҳисоби андозҳо зиёда аз 31,8 миллиард сомонӣ муқаррар гардидааст.

ТИҶОРАТ

НАРХ БОЛО МЕРАВАД, ВОРИДОТ МЕАФЗОЯД

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ Тоҷикистон аз хориҷи кишвар наздики 73 ҳазор тонна равғани растанӣ бо арзиши тақрибан 80 миллион доллар ворид намудааст.



Тибқи маълумоти расмӣ, асосан равған аз кишварҳои узви Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) ворид мешавад. Аз ҷумла, қариб 10 ҳазор тонна равған аз Русия ва беш аз 60 ҳазор тонна аз Қазоқистон ба Тоҷикистон ворид гардидааст.

Мутахассисон сабаби афзоиши воридоти равғанро ба бештар шудани талаботи бозори дохилӣ ва нарасидани истеҳсоли маҳаллӣ иртибот медиҳанд. Ҳамзамон, нархи равғани воридотӣ нисбат ба маҳсулоти ватанӣ гаронтар арзёбӣ мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти таъмини амнияти озуқаворӣ, масъулони соҳа таъкид мекунанд, ки тадбирҳо барои рушди корхонаҳои дохилии истеҳсоли равған ва коркарди ашёи хом дар ҳоли амалӣ шудан қарор доранд.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

АЗ КОР ТО ХАРОҶОТ

Кадом муҳимтар аст?

Боре андеша кардаед: кор карданро бештар дӯст медоред ё харҷ карданро? Чунин ба назар мерасад, ки бархе одамон ба ҷойи меҳнат, бештар ба харҷоҳот майл доранд. Ин ҳолат, ҳарчанд ба назар сода намояд, аммо паси он сабабҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нуҳуфтаанд.

ЗИНДАГИИ ЗЕБО Ё НАМОИШКОРОНА?

Солҳои охир як зуҳуроти ҷолиб дар ҷомеа, хусусан дар кишварҳои рӯ ба рушд мушоҳида мешавад. Ҳарчанд мардум бошиддат кор намекунанд, аммо харҷоҳоти бештар мекунанд. Оё ин нишонаи беҳбудии иқтисодӣ аст ё як мушкили амиқи иҷтимоӣ?

Аз дидгоҳи коршиносон, ин падида сабабҳои иқтисодӣ, равонӣ ва иҷтимоии зиёд дорад.

Якум, харҷоҳот. Натиҷаи фаврӣ, кор, заҳмати дарозмуддат. Яке аз сабабҳои аслии майл ба харҷоҳоти бештар, дар муқобили кор кардан, ин хислати инсонӣ аст. Инсон ба чизе тамоюл дорад, ки зудтар ба ӯ қаноатмандӣ диҳад.

Дуюм, кори ҳаррӯза, махсусан агар маоши паст ва шароити номусоид дошта бошад, дар назари бисёриҳо на воситаи рушд, балки як навъ фишор ва ранҷ ҳисоб мешавад. Дар муқобил, харид кардани чизҳои нав - телефон, либос, сафар ба ҳар макони дилписанд ҳисси қаноатмандӣ мебахшад.

Сеюм, фишори иҷтимоӣ ва намоишкорӣ. Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, таблиғот ва фарҳанги “зиндагии зебо” бисёриҳоро водор мекунад, ки на бо кору ҳунар, балки бо зоҳири зиндагӣ худро муаррифӣ кунанд.

Ин раванд на танҳо дар ҷомеаи пешрафта, балки дар кишвари мо низ маъмул шудааст. Масалан, шахсе метавонад даромади миёна дошта бошад, вале талош мекунад, ки либоси брендӣ, мошини нав ё ҷузвдонҳои гаронбаҳо харад. Ин танҳо барои намоиши худ аст.

Чорум, камбизоатӣ ва набудани маърифати молиявӣ. Мутаассифона, сатҳи маълумот ва фарҳанги молиявӣ дар ҷомеаи мо ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ нест. Бисёре аз сокинон сохтани буҷаи оилавӣ, пасандоз ва сармоягузориро намедонанд ё муҳим намешуморанд. Яъне, сарсарӣ ва ба ибораи дигар, пеш омад, хуш омад амал мекунанд.

Вақте маош ба даст меояд, зуд онро барои харид ё фароғат сарф мекунанд. Ин амали онҳо беандешагӣ ба фардо аст. Ин ҳолат ниҳоят ба қарздорӣ, нооромӣ дар зиндагӣ ва бесуботии иқтисодӣ мебарад.

Панҷум, бовар ба он ки “як бор зиндагӣ мекунем”. Мутаассифона, фалсафаи “як рӯз зиндагӣ мекунем” маҳз дар байни ҷавонон ва ҳатто калонсолон бештар маъмул шудааст. Дар шароити бебаркӣ, набудани ҷойи кор ё маоши кам, бисёре фикр мекунанд: “Ғами имрӯзро хӯрем, фардо чӣ мешавад, мебинем”.

Ин тарзи андеша дар як давраи кӯтоҳ оромӣ мебахшад. Аммо дар оянда сатҳи зиндагии шахсро ба пастӣ мебарад.

КОР БОЯД МАЪНО ДОШТА БОШАД

Дар ҷомеаи муваффақ кор на танҳо воситаи пулёбӣ, балки маънои зиндагӣ аст. Вақте шахс ҳис мекунад, ки кораш таъсиргузор аст ва қадр шудааст, ӯ онро дӯст медорад ва дар он рушд мекунад. Аммо дар муҳити коре, ки маош паст, шароит заиф ва муносибатҳо носолиманд, одамон аз кор дилсард мешаванд. Ҳамин тавр, вақте кор маъно надорад, харҷоҳот барои лаҳзае фаромӯш кардани мушкилот интихоб мешавад.

Зиндагии беҳтар маънои харҷоҳоти зиёд надорад. Он аз идораи дурусти молиявӣ, дарки сарфу пасандоз ва қадр кардани меҳнат оғоз мешавад.

Меҳнат пояи пешравӣ аст. Вақте арзиши онро бидонем, харҷоҳоти мо низ боақлона ва фоиданок мегардад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ФАРЗАНДИ САРВАЗИР ОМӮЗГОРИ ДОҒИСТОНИЙ



Дар фаъолияти эҷодии ман баъзан ҳолатҳое рух медиҳанд, ки беихтиёр чун объекти аҷиб пеши назар падидор мегарданд ва ҷолиби диққат мебошанд. Дар ин лаҳзаҳо аз зери хомаи ман мусаввараҳо, очеркҳо ва китобҳои ҳуҷҷатӣ мебароянд.

Дар саҳифаҳои интернет ман тасодуфан акси доғистонии маъруферо дидам, ки соҳиби ҷоизаҳои сершумори арзанда мебошад ва ба ҳайси директори филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе кор мекунад.

Ман бо ҳамсафонам аз шаҳри Душанбе робитаи эҷодӣ дорам, эҷодиёти пурмазмуни шоирони маъруфи тоҷик Лоиқ Шералӣ, Улмас Ҷамолро такрор ба такрор мутолиа менамоям. Ашъори маро ба забони тоҷикӣ ин шоирон тарҷума кардаанд.

Шоири муосири тоҷик Давлатмурод аз деҳаи Доғистони ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (собиқ Шӯробод)-и Тоҷикистон ба Доғистон зуд-зуд меояд. Ӯ шеъри Некрасов “Дар Россия кӣ хуб зиндагӣ мекунад” (“Кому на Руси жить хорошо»)-ро бо забони русӣ хеле зебо қироат мекунад.

Ман Сагид Абдулкаримовро дарҳол пайдо кардам, ӯ писари муаллими забон ва адабиёти рус аз деҳаи Чиркейи ноҳияи Буйнак Абдурахман Абдулкаримов мебошад. Пас аз ёддоварии на он қадар тӯлонӣ ба нақли доғистоние мегузарам, ки 15 сол боз тақдири худро ба ҷавонони тоҷик пайвастааст.

Сагид Абдурахманович номзади илмҳои техникӣ, профессори кафедраи электроэнергетика, директори филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе мебошад.

Абдулкаримов Сагид Абдурахманович замони гулгулшукуфии табиат, якуми июни соли 1958 дар оилаи омӯзгори шоистаи Доғистон таваллуд шудааст.

Волидонаш ӯро Сагид номида, модараш Ғоиба ба ӯ суруди “Алла”-ро тавъам бо дуоҳои нек замзама мекард. Айёми кӯдакии ӯ зуд сипарӣ гардидааст. Вай сарбаландона ба мактаб мерафт, зеро падараш омӯзгори соҳибэҳтиром на танҳо дар мактабу деҳа, балки дар авлоди онҳо маҳсуб меёфт.

Омӯзгори мактаб аз хурдсолӣ Сагидро на танҳо дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, балки ба амиқ омӯхтани таърихи пурифтихори Доғистон, ҳамчунин, муҳаббат ба адабиёт тарбия мекард.

Ӯ дар заминаи анъанаҳои миллии халқи худ дар машғулиятҳои қиблагоҳаш ба камол расида, аз падар беҳтарин хислатҳои инсонӣ, аз қабили накӯкорӣ, ҳамдарди мардум будан, меҳнатдӯстиро андӯхтааст.

Аз рӯзҳои нахустин Сагид дар мактаби миёнаи Чиркей бо ҷидду ҷаҳд ва ғайрати зиёд таҳсил карда, таълимгоҳро бо медали тило хатм намуд.

Ҷавонмарди кӯшо ва боирода барои таҳсили минбаъда Донишкадаи давлатии политехникии Доғистонро интихоб кард, ки вай дар он ҳамчун донишҷӯ на танҳо донишҳои назариявиро аз худ мекунад, балки дӯстони зиёд пайдо намуда, инчунин гирандаи стипендияи ленинӣ буд. Нерӯи пурҷӯшу хурӯши дил ва иродаи Сагид ӯро талқин мекард, ки ба фаъолияти ҷамъиятӣ машғул шуда, вакили шаҳрии Махачқалъа гардад.

Донишкадаро бо дипломи сурх хатм намуда, соҳиби ихтисоси муҳандис - барқчӣ гардид.

Хидмати Ватанро дар Украина адо намуда, сипас дар созмонҳои комсомолии пойтахти Доғистон ба фаъолияти меҳнатиаш идома бахшидааст.

Тавре мушоҳида кардам, вай дар айёми ҷавониаш фаъолона ба такомулу ташаккули маънавии худ пардохт, ки ин раванд дурусту оқилона буд. Ба андешаи ман, вай дар ин бобат ба касби худ содиқ монд. Волидонаш ба Москва рафтани писарашонро ҷонибдорӣ карданд. Соли 1986 ба аспирантураи Донишкадаи энергетикии Москва дохил шуда, соли 1991 онро бомуваффақият хатм намуд ва пас аз дифои рисолаи илмӣ номзади илмҳои техникӣ гардид.

Дар донишгоҳи мазкур вай дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла, ёвари муовини ректор фаъолият намудааст. Сагид Абдулкаримов 15 соли охир дар вазифаи директори филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе фаъолият карда истодааст.

Дар филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар шаҳри Душанбе зиёда аз 350 нафар донишҷӯ дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона таҳсил мекунанд. Дар ин даргоҳи илму маърифат муҳандисон аз рӯйи равияи электроэнергетика ва электротехника бо ду ихтисос - нерӯгоҳҳои барқӣ-обӣ ва таъмини барқ омода карда мешаванд. Ҳамзамон, донишҷӯён имкон доранд, ки баъди хатми курси 2 барои идомаи таҳсил ба шаҳри Москва раванд. Ҷавонони тоҷик кӯшиш мекунанд, ки соҳибкасб шуда, дипломи донишгоҳи бонуфузи Россия — Донишгоҳи энергетикии Москваро соҳиб гашта, ояндаи худ ва кишвари азизашонро обод созанд. Аксари донишҷӯёни филиал (95%) ба таври ройгон таҳсил менамоянд.

Корҳои илмии Сагид Абдурахманович аз ду монография ва зиёда аз 70 таълифоти илмӣ, ки ба таҳқиқоти назария ва истифодаи амалии мавҷҳои тӯлии электромагнитӣ ва дигар мушкилоти электротехникаи назариявӣ бахшида шудаанд, иборат аст.

Сагид Абдурахманович бо нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм, Вазорати энергетикаи Федератсияи Россия, ифтихорномаю сипосномаҳои ШСХК “Барқи Тоҷик” (Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон) сарфароз гардидааст. Ӯ “Энергетики фахрии Федератсияи Россия”, “Корманди фахрии соҳаи маорифи Федератсияи Россия”, “Доктори соҳаи электротехника”-и Академияи илмҳои электротехникии Федератсияи Россия мебошад. Ӯ дорои одобу ахлоқу шарафи воло ва масъулиятшинос буда, ҳанӯз аз овони кӯдакӣ корҳояшро ҳеҷ гоҳ ба таъхир намегузошт ва ҳоло ҳам аз рӯйи принсипи мазкур кор мекунад. Сагид Абдурахманович имрӯз низ ба таври шоиста соҳаи маорифи Россияро дар Тоҷикистон муаррифӣ мекунад.

Намояндагии Россия дар Тоҷикистон саҳми филиалро дар таҳким ва густариши ҳамкориҳои Россия ва Тоҷикистон баланд арзёбӣ мекунад. Профессор дар суҳбат иброз дошт, ки халқи тоҷик мисли мардуми Доғистон, ба анъанаҳои дар тӯли асрҳо ҳосилшудаи миллат ва арзишҳои фарҳангии худ арҷ мегузоранд. Ва барои минбаъд шукуфоии халқи тоҷикро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт таманно мекунад. Ӯ боварии комил дорад, ки дӯстии байни Россия ва Тоҷикистон мисли деворҳои қалъаи қадимии Норин-Қалъаи Дарбанди қадим, ки шоирони Тоҷикистон онро васф кардаанд, устувор хоҳад буд.

Сагид Абдурахманович табиатан инсони равшандилу некбин ва чӯяндаву эҷодкор мебошад. Ӯ бародари ягонаи се хоҳар аст: Май, Пошо, Сокина, ки ҳамаашон омӯзгорони шинохтаи Доғистон буда, пайрави касби падари худ гардидаанд. Ҳамсари ӯ Зулайхо низ касби омӯзгориро интихоб намуда, ба ҳайси забоншиноси варзида фаъолият менамояд.

Гузаштагони Абдурахман Абдулкаримов ҳамагӣ омӯзгор мебошанд. Равшан аст, ки омӯзгорӣ бехтарин касб дар рӯйи замин мебошад. Сагид Абдурахманович на танҳо олими боистеъдод, ташкилотчии моҳир, балки дӯсти хеле содиқ, ҳамсари ғамхор, падару бобои меҳрубон аст. Соҳиби ду фарзанд мебошад: писараш Муҳаммад идомадиҳандаи пешаи падари хеш, энергетик мебошад, духтараш Саида бошад, касби духтуриро ихтиёр кардааст.



Сагид Абдурахманович вақти холии худро бо набераҳояш мегузаронад, дар ҷойҳои ҷолибу аҷоиби Москва онҳоро ҳамчун роҳбалад ба сайругашт мебарад, хулласи калом, набераҳояшро аз таҳти дил дӯст медорад ва дар чунин лаҳзаҳо ҳамроҳи онҳо дар қаҳвахона фароғат намуда, дар олами кӯдакӣ ғарқ мегардад. Ӯ вақт ёфта, пайваста ба варзиш машғул мешавад. Ӯ ба толори тамринҳо меравад ва ба бозии теннис майл дорад. Варзиш ба ӯ ҳамеша нерӯю тавон ва рӯҳ мебахшад. Посдори гармию хонадонаш - ҳамсараш Зулайхо ошпази моҳир аст, ҳамвора хӯрокҳои дӯстдоштаи доғистониро, ки модари Сагид мепухт, омода мекунад.

Тобистон оилаи Сагид Абдурахманович ба зодгоҳашон Доғистон сафар мекунанд. Дар он ҷо, дар оғӯши оила, дар муҳиту фазои вижа, ки онро нерӯи муҳаббат ва ҳусни тафоҳум фаро гирифтааст, истироҳат мекунанд. Дар ин ҷо, дар хонаи падар, тамоми фарзандон хурсанду хушбахтанд, зеро дар рӯйи замин макони наздиктару азизтар ва маҳбубтар нест. Метавон гуфт, ки Сагид Абдурахманович инсони хушбахт аст, ба шарофати меҳру муҳаббати падару модараш, ки ҳамсафари неки ҳаётиаш гаштаанд, маҳз ба шарофати насиҳати волидон дар пайроҳаи ҳаёт саодатманд ва комёб гардидааст.

Дар ин ҳикоёти мухтасар ҳаёту фаъолияти шахсро пурра омӯхтан ғайриимкон аст, вале аз ҳама муҳимаш, ман мехостам, паёмеро оид ба зиндагиномаи инсони шарафманд, ки ба касби худ содиқ аст, бирасонам. Яке аз чунин шахсон — Сагид Абдурахманович, фарзанди арзанда ва сазовори таҳсини омӯзгори деҳаи Чиркей Абдурахман Абдулкаримович Абдулкаримов мебошад.

Бикахонум Алибекова,
узви Иттифоқи
журналистони Россия



Раҳмонализода Салим Раҳмоналӣ:

МАРОМИ МО ҒАНӢ ГАРДОНИДАНИ БУҶА АСТ

Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ҷиҳати татбиқ намудани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ намуда, дар давраи 9 моҳи соли 2025 корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст.



Тавре сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Раҳмонализода Салим Раҳмоналӣ изҳор дошт, ба ҳолати 01.10.2025 дар маҷмуъ 5660 адад андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатномаи соҳибкорӣ бо шартҳои махсус, шаҳодатномаи муқаррарӣ, патент ва тибқи шаҳодатнома барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин ҳисоб 800 адад андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ (бо назардошти РСБ 44 адад) ва шумораи соҳибкорони инфиродӣ бошад, 4860 ададро ташкил медиҳад: аз он ҷумла тибқи шаҳодатномаи муқаррарӣ 295 адад, соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент 500 адад, шаҳодатнома бо шартҳои махсус 1142 адад ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ) машғуланд, 2923 ададро ташкил медиҳад.

ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Нақшаи андозҳо бо назардошти андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 дар маҷмуъ ба маблағи 132 миллиону 543 ҳазору 072 сомонӣ пешбинӣ шуда, дар асл иҷроиши он ба маблағи 143 миллиону 419 ҳазору 051 сомонӣ таъмин гардидааст, ки ба андозаи 108 фоиз ва нисбати нақшаи пешбинишуда ба маблағи 10 миллиону 875 ҳазору 979 сомонӣ андозҳо барзиёл ба буҷет ворид карда шудааст.

Иҷроиши нақшаи қисми даромади буҷет ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо назардошти андози иҷтимоии буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ аз рӯйи намудҳои андозҳо бо пуррагӣ таъмин гардида, иҷроиши нақша нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар маҷмуъ 30 миллиону 994 ҳазору 093 сомонӣ воқеан зиёд ҷамъоварӣ карда шудааст.

ВОРИДОТИ АНДОЗҲО

Дар давраи 9 моҳи соли 2025 нақшаи андозҳо аз ҳисоби Нозироти андоз бо назардошти уҳдадориҳо ба маблағи 120 миллиону 066 ҳазору 319 сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷроиши он бошад, ба маблағи 129 миллиону 823 ҳазору 544 сомонӣ таъмин гардидааст, ки мутаносибан 108,1 фоизро ташкил дода, нисбати нақшаи тасдиқгардида ба маблағи 9 миллиону 757 ҳазору 225 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи 9 моҳи соли 2025 нақшаи андозҳо аз ҳисоби Нозироти андозсупорандагон (НАК) бо назардошти уҳдадориҳо ба маблағи 32 миллиону 253 ҳазору 168 сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷроиши он бошад, ба маблағи 33 миллиону 624 ҳазору 433 сомонӣ таъмин гардидааст, ки мутаносибан 104,2 фоизро ташкил дода, нисбати нақшаи тасдиқгардида ба маблағи 1 миллиону 371 ҳазору 265 сомонӣ зиёд мебошад.

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

Аз тарафи шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ба соҳибкорони инфиродӣ хизматрасонӣ ба андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 нисбати 30 адад андозсупорандагон, аз он ҷумла, нисбати 25 адад андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ ва 5 адад нисбати соҳибкорони инфиродӣ назорати камералӣ ба маблағи 942099 сомонӣ гузаронида шуда, аз ҳисоби тавзеҳоти асоснок пешниҳодшуда ба маблағи 42381 сомонӣ, аз ҳисоби пешниҳоди эъломияҳо ба маблағи 857874 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби шумора 33 адад кам карда шудааст ва аз ҳисоби маблағҳои назорати камералӣ нисбат ба ҳамин давра 942097 сомонӣ кам мебошад.



Дар давраи 9 моҳи соли 2025 дар асоси фармоишҳои сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ баҳри дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ ва таҳти назорати доимӣ қарор додани андозсупорандагони шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва ҷиҳати давра ба давра зиёд намудани даромади умумӣ дар фаъолияти онҳо нисбати 13 адад андозсупорандагон муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, дар натиҷа даромади умумӣ ба маблағи 178436 сомонӣ зиёд карда шудааст. Яъне даромади умумии андозсупорандагон пеш аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ маблағи 177544 сомониро ташкил медод ва баъди гузаронидани муоинаи хронометражӣ ба маблағи 355980 сомонӣ зиёд карда шуд, ки қариб як баробар зиёд аст. Шумораи коргарони кироя бе шартномаи меҳнатӣ 9 нафарро ташкил медиҳад, ки пурра ба андозбандӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар давраи гузаронидани муоинаи хронометражӣ нисбати 13 нафар андозсупорандагон барои риоя накардани тартиби истифодаи мошинҳои назоратию хазинавии дорои хотираи фискалӣ, терминалҳои электронӣ ва баҳисобгирии хазина дар асоси талаботи моддаи 615-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 78000 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ баста шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлат ба маблағи 65500 сомонӣ ҷаримаҳо ворид карда шудааст, ки фарқияти ҷаримаҳои пардохтнагардида 12500 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 183 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ бо ДНХ таъмин карда шудаанд, ки аз ин ҳисоб шахсони ҳуқуқӣ 69 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 114 адад мебошанд.

АНДОЗБАНДӢ АЗ ШАХСОНИ ВОҚЕЙ

Иҷроиши нақшаи пешбинишудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ва андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 аз ҷумла дар чунин самт қарор дорад:

- Нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 ба маблағи 5 855 948 сомонӣ пешбинӣ шуда, иҷроиши он ба маблағи 6 767 752 сомонӣ таъмин гардида, мутаносибан 116,0 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбати нақша ба маблағи 911 804 сомонӣ зиёд ворид карда шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 925011 сомонӣ зиёд мебошад.

- Нақшаи андоз аз замини шахсони воқеӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 ба маблағи 3 386 507 сомонӣ пешбинӣ шуда, иҷроиши он ба маблағи 4 215 202 сомонӣ таъмин гардидаст, ки мутаносибан 124,0 фоизро ташкил дода, нисбати нақша ба маблағи 828695 сомонӣ зиёд ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 365025 сомонӣ зиёд мебошад.

- Нақшаи андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ дар давраи 9 моҳи соли 2025 ба маблағи 4 429 854 сомонӣ пешбинӣ шуда, иҷроиши он ба маблағи 6 038 542 сомонӣ таъмин гардидааст, ки 136,0 фоизро ташкил додааст.

Рафти иҷрои талаботи Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №88, аз санаи 07.02.2015, “Дар бораи баҳисобгирӣ (инвентаризатсия)-и объектҳои ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ” барои давраи соли 2025 ва Тартиби истифодабарии модулҳои нави барномаҳои компютерии СМИИА “Доир ба баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул” нишон медиҳад, ки ба санаи 01.10.2025 шумораи объектҳои ғайриманқули таҳти баҳисобгирӣ қарордошта 29854 ададро ташкил медиҳад.

АНДОЗИ ДАРОМАД АЗ ҲИСОБИ ИҶОРА

Шумораи умумии иҷорадиҳандагони бақайдгирифташуда ба ҳолати 01.10.2025-ум сол 205 нафарро ташкил медиҳад.

Дар давраи 9 моҳи соли 2025 нақшаи пешбинишудаи андози даромад аз шахсони воқеӣ аз ҳисоби иҷораи молу мулки ғайриманқул ба маблағи 909000 сомонӣ пешбинӣ гардида, дар асл иҷроиши он ба маблағи 829008 сомонӣ таъмин карда шудааст.

Дар давраи 9 моҳи соли 2025-ум 205 адад эъломияҳои иҷорадиҳандагон ба модули нави барномаи компютерии СМИИА дохил карда шуда, 100,0 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад ва дохилкунии иҷорадиҳандагони молу мулк ба модули нави барномаи компютерӣ давра ба давра идома дорад.

Бино ба гуфтаи сардори Нозироти андоз Раҳмонализода Салим Раҳмоналӣ, маҳз таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат ба ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ беназир буда, дар самти зиёд гардидани субектҳои хоҷагидору андозсупоранда корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст.

- Аз ин лиҳоз, мардум аз Роҳбари давлат сипосгузоранд ва мо - кормандони нозироти андоз низ баҳри пешравии ноҳия ва ободу хуррам гардонидани он хизмати худро арзонӣ дошта, уҳдадор мешавем, ки ҳар як супориши роҳбарияти Кумитаи андоз ва вилоятро барои ғанӣ гардонидани буҷа бо сифати баланд ба иҷро расонем,- афзуд ӯ.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

КОНСЕРТИ МУСИҚИИ СУННАТИИ КОРЕЯГӢ

Ин чорабинӣ, аз ҷониби Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муваффақият баргузор гардид

Рузи 16-уми октябр дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷураев аз ҷониби Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (сафир Ҷон Сонг Шик) консерти мусиқии суннатии Корея баргузор гардид. Дар чорабинӣ беш аз 200 нафар, аз ҷумла шахсиятҳои баландмақоми Тоҷикистон, намояндагони корпусҳои дипломатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, инчунин кореягиҳои муқими кишвар ва кореягиҳои этникӣ иштирок доштанд.





Дар консерт ҳафт сарояндаи ҷавони боистеъдоди мусиқии суннатии Корея, аз ҷумла О Ҳёнҷӣ, ки дар Корея ҳамчун созандаи мусиқӣ барои каягим бо номи саҳнавии "ЯгимЯгим" маъруф аст, иштирок карданд. Миёни дигар иштирокдорон Ҳо Ҷонхёк, Юн Хёнмёнг, Ким Мунго, Ким Течун, Чой Юбин ва Чо Дахи буданд.

Барнома таронаҳои суннатии мардумӣ, аз қабили "Ариранг", "Суруд дар бораи қаиқ" ва санчо барои тэгим, инчунин мусиқии муосир, аз ҷумла треки "Golden" аз K-Pop аз лоиҳаи K-Pop Demon Hunters-ро, ки бо асбобҳои суннатӣ ва шеваҳои овозӣ ичро шудаанд, дар бар гирифт. Тамошобинон бо шавқу завқ ва бо нидоҳои анъанавии “Чох~да!” (“Аъло!”) ба чорабинӣ ҳамроҳ шуда, иҷрокунандагонро фаъолона дастгирӣ намуданд.

Сафир Ҷон Сонг Шик дар сухани ифтитоҳӣ аз имкони муаррифии мусиқии суннатии Корея дар қалби Тоҷикистон - шаҳри Душанбе изҳори хушнудӣ кард. Ӯ изҳори умедворӣ намуд, ки консерт барои амиқтар кардани ҳамдигарфаҳмии фарҳангӣ ва таҳкими дӯстии Корея ва Тоҷикистон имкон фароҳам хоҳад овард.

Аҳамияти махсусан муҳим он аст, ки чорабинӣ бо дастгирии IT-ширкати кореягии REXGEN, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунад, дар доираи масъулияти иҷтимоӣ ва дар ҳамкорӣ бо сафорат баргузор гардида, таъсири афзояндаи мавҷи кореягӣ дар кишварро таъкид мекунад.





Ҷашни Меҳргон

Чу меҳри одамӣ афзуд, ҷашни Меҳргон омад,
Сари ҷашни ниёгон аз қадим, аз бостон омад.

Яқин, ин ҷашни пурбору пурозини кишоварзон,
Бубин файзу футуҳашро, ба ҳар як хонадон омад.

Замоне дур аз фарҳанги мо шуд ин ҳама айём,
Чу шуд аз Пешво иқдом, бар ин остон омад.

Бигардад тибқи тақвими нуҷум гармӣ бадал бар сард,
Ки серию саодат бар дари ҳар ошён омад.

Бувад ин ҷашни деҳқон ҷашни меҳру файзу пирӯзӣ,
Русуми суннатӣ рамзи дирафши Ковиён омад.

Ба рӯи сурфаи ҷашнӣ матои сурх пӯшида,
Зиёда моҳ равшан, шамс кам аз осмон омад.

Нишоти порсигӯёни дунё, Меҳргонозин
Чу ҷашни аҳли Ориё зи даврони Каён омад.

Ба ҷамъи ҳосилу кишти гилу завқи дили мардум,
Гаҳе афтобу боду абр, гаҳ тирукамон омад.

Ситоиш, мадҳи меҳру рамзи аҳду нусрату паймон,
Рафоқат, Дӯстӣ, Ваҳдат ба ҳар пиру ҷавон омад.

Бирезад баргҳо, гӯянд онро моҳи тиллоӣ,
Нигар ин фасли зарринро, на айёми хазон омад.

Қатор андар ҳаво мурғон пару боли худ афшонанд,
Нишони сард эҳё гашт, ҳудҳуд бар забон омад.

Зироат, нахли боғу киштгардонҳову полезӣ,
Шуд эҳё Роҳи Абрешим, самар бо корвон омад.

Бишуд ин ҷашнҳои суннатӣ фарҳанг дар дунё,
Хитоби Созмони милат аз қалби ҷаҳон омад.

Шуда дар ҷашн ҳамраҳ дӯстон, ҳам хешу ҳамсоя,
Бубин эҳсони ҳамтоён ҳазорон достон омад.

Фузун дар Меҳргон андар Ватан ҷашну тамошоҳо,
Ба ҳар як хона хушбахтӣ, гуворо бӯйи нон омад.

Бизад борони найсон, киштзорон бас шуда пурнам,
Бишуд бар он давомарҳам, ки дар вақту замон омад.

Умеду матлаби ҳар фард ҳосил шуд пас аз сад сол,
Ту меҳри мардумон бин, ки ба садҳо ормон омад.

Аҷамро ид барпо гашт, хоричӣ ба мо ҳамроҳ,
Ба ҳам шоҳу фақир аз ҳам ризову шодмон омад.

Ба сурнай, низ бо карнай ва ҳам тору рубобу най,
Суруду шеъри бас дилчасп ширин бар забон омад.

Зи Наврӯзу зи Сада, Меҳргону Тиргон бар мо
З-"Авасто", "Шоҳнома" сад ҳазорон достон омад.

Ниҳонӣ, рамзи иди Меҳргон - ҷуфти гави деҳқон,
Зи дурӣ муждаи хушнуд, ҳам фошу ниҳон омад.

21.10.2025
Ниҳонӣ

КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО? НАВИСАНДАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУАЛЛИФИ АСАРҲОИ МАЪРУФИ “ДАР ОРЗУИ ПАДАР” ВА “МАРГИ БЕГУНОҲ” ДАР СИННИ 83-СОЛАГӢ АЗ ОЛАМ ДАРГУЗАШТ. ҶАНОЗАИ МАРҲУМ 20-УМИ ОКТЯБР ДАР ЗОДГОҲАШ ДЕҲАИ НИЛКОНИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ БО ИШТИРОКИ АДИБОН, СИЁСАТМАДОРОН, ШАХСИЯТҲОИ МАЪРУФ ВА САДҲО НАФАР МУХЛИСОНАШ БАРГУЗОР ШУД. АДИБИ МАЪРУФРО ТИБҚИ ВАСИЯТИ ХУДАШ ДАР МАЗОРИ ЗОДГОҲАШ, ПАҲЛУЙИ ОРОМГОҲИ ПАДАР ДАФН КАРДАНД.



МАРДУМИТАРИН НАВИСАНДА

Даргузашти Кароматуллоҳи Мирзо

ТАЛАФОТ ДАР АДАБИЁТ

Рустами Эмомалӣ, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон ва шаҳрдори Душанбе ва Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги кишвар даргузашти Кароматуллоҳи Мирзоро талафоти бузург арзёбӣ карда, ба наздикону пайвандони нависанда изҳори ҳамдардӣ баён карданд.

Ҳамчунин, ҳазорон нафар аз мухлисони нависанда дар шабакаҳои иҷтимоӣ марги ӯро талафот барои адабиёту фарҳанг арзёбӣ намуданд ва ба хонаводааш ҳамдардӣ баён карданд.

ЗАҲМАТКАШ ВА МАҲБУБ

Низом Қосим, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар маросими ҷанозаи Кароматуллоҳи Мирзо ӯро адиби заҳматкаш ва пуркортарини тоҷик унвон кард.

“Кароматуллоҳи Мирзо як умр дар деҳа, дар миёни мардум зиндагӣ мекарданд ва зиндагии воқеии мардуми тоҷикро ба тасвир кашиданд”,- гуфт Низом Қосим.

Абдулҳамиди Самад, Нависандаи мардумии Тоҷикистон ва дӯсти марҳум Кароматуллоҳи Мирзоро нависандаи заҳматкаш унвон кард, ки то лаҳзаҳои охири умр, бо вуҷуди ранҷуриҳо ва заъфи пирӣ, қаламро аз даст нагузошт.

“Мо бо Кароматуллоҳ ҳамнаслем, ҳамроҳ ба майдони адабиёт ворид шудем. Ӯ аз ибтидо бо ковишҳо, таҳқиқҳои бадеӣ ва адабӣ дар мавзуҳои гуногун фарқ мекард. Инсонҳои офаридаи ӯ дар насри муосири мо ҷойи намоён доранд”,- гуфт Абдулҳамид Самад.

Абдулҳамид Самад Кароматуллоҳи Мирзоро нависандае номид, ки “ҳамзамонони худро вориди адабиёт кард”. Қаҳрамони Кароматуллоҳи Мирзоро як шахси муосир бо ҳама камиву костиаш номид, ки дар чараёни пуртуғёни зиндагӣ шино мекунад. “Муҳоҷират, муътодӣ ба маводи мухаддир, танҳоиву дастнигарӣ, ятимӣ ва дигар сарнавиштҳои як инсони муосир бахше аз саргузаштҳои қаҳрамонҳои Кароматуллоҳи Мирзо буд ва шояд ҳам ба ҳамин хотир, зуд аз ҷониби хонанда ва бинандааш шинохта мешуд”,- гуфт ин нависандаи тавонои тоҷик.

Шоири халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзоро маҳбубтарин ва мардумитарин нависандаи муосири тоҷик номид.

“Ҳамчун адиб, ҳамчун нависанда, яке аз нависандаҳои серхонандатарин дар Тоҷикистон Кароматуллоҳ Мирзоев буданд. Ман дар вохӯриҳо ҳамроҳашон бисёр будам, ҳатман 5-6 нафаре пайдо мешуд, ки аз сарнавишти қаҳрамонҳои асарҳояшон мепурсид. Аз ҳама нависандае, ки ба халқ, ба дили мардум наздик буданд. Тамоми мавзуҳое, ки он кас навиштанд, даруни халқро бармало карданд”,- мегӯяд Камол Насрулло.

Дигар ҳамқаламон ва пайвандонаш аз Кароматуллоҳи Мирзо ҳамчун аз нафари хайрхоҳ, некандеш ва ғамхор ёдоварӣ карданд.

Фирӯз, яке аз се писари Кароматуллоҳи Мирзо гуфт, ки падараш то охирин лаҳзаҳо машғули кори эҷодӣ буд: “Бемор набуданд. Фақат чанд рӯзи охир каме камқувват шуданд. То лаҳзаи охир дар фикри кори эҷодӣ буданд. Бештар дар бораи адибони ҳамзамонашон хотираҳо навишта, ба матбуот медоданд. Даргузашти дӯстони ҳамқаламашон Меҳмон Бахтӣ, Саидалӣ Маъмур ва Гулназар барояшон таъсири амиқ гузошт. Дар бораи онҳо менавиштанд ва мегуфтанд, ки баъди марги ман касе пайдо мешудагист, ки дар бораи ман ҳам нависад”.

Одил НОЗИР

КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

25-уми апрели соли 1942 дар оилаи ходими дин ба олам омадааст. Аз солҳои шастуми асри мозӣ ба майдони адабиёт ворид шуд. Дар оғози роҳ қиссаву ҳикояҳо таълиф мекард, пасон рӯ ба романнависӣ овард.

Марҳум аз зумраи нависандагони ангуштшумори тоҷик аст, ки ҷанги шаҳрвандиро рӯйи авроқи адабиёт овардааст. Романи “Марги бегуноҳ”-и ӯ ҳаводиси солҳои навадумро инъикос кардааст ва аз рӯйи он филми ҳамномаш ҳам ба навор бардошта шудааст.

Романи дигари Кароматуллоҳи Мирзо, ки дар он ҳам таъсири бади ҷанги шаҳрвандӣ ба тасвир кашида шудааст, “Дар орзуи падар” мебошад. Он соли 1989 аввалан ҳамчун қисса таълиф шуда, пасон дар соли 2010 ба романи сегона табдил ёфт. Ин яке аз маъруфтарин романҳои нависанда аст ва бо хати форсӣ дар Эрон ҳам мунташир шудааст. Аз рӯйи романи “Дар орзуи падар” силсилафилми ҳамномаш ба навор гирифта шуд, ки натанҳо дар Тоҷикистон, ҳатто дар Эрону Афғонистон ҳам маҳбубият пайдо кард.

Ғайр аз “Дар орзуи падар”, боз аз рӯйи асарҳои “Моҷарои зиндагӣ”, “Дарди ишқ”, “Меҳри модар” ва қиссаву ҳикоёти дигари Кароматуллоҳи Мирзо филмҳо офарида шудаанд. Романҳои “Ситораҳои паси абр”, “Ду ҳикоя” ва “Деҳаро хоб мебинам” мақоми ӯро дар адабиёти тоҷик барчастатар гардонидаанд.

Кароматуллоҳи Мирзо солҳо кори рӯзноманигорӣ карда, муддате мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи ичроияи Президенти Тоҷикистон таъйин шуд. Пасон раисии Раёсат ва Шурои насри Иттифоқи нависандагонро ба зимма дошт. Аз хидматҳои ӯ дар ин вазифаҳо низ ёдоварӣ карданд.

Кароматуллоҳи Мирзо барои осори мондагораш соҳиби чанд ҷоизаи баланди давлатӣ, ба мисли Ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гардидааст.

БУРҲОНИДДИНИ РАББОНӢ МУХЛИСИ «ДАР ОРЗУИ ПАДАР»

Марги нависандаи соҳибном Кароматуллоҳи Мирзо хотироти чанд сол қаблро аз нав зинда кард...

Ман барои мусоҳиба бо Раисиҷумҳури Афғонистон устод Бурҳониддини Раббонӣ ба шаҳри Кобул омада будам. Пас аз иртибот бо дафтари корияи эшон, ба ман хабар доданд:

- Устод дар ҳавлиашон ё то намози шом метавонанд бо шумо ҳамсуҳбат шаванд, ё баъд аз хуфтан.

Гумон кардам, ки ин интихоб бо адои фарзи намоз иртибот дорад. Вақти баъд аз хуфтанро интихоб кардам, зеро фурсат бештар буду касе халал намерасонид.

Дар соати муқарраршуда ба ҳавлии устод Раббонӣ омадам. Маро ба меҳмонхона роҳнамоӣ карданд. Ҳанӯз дар остонаи дар будам, ки дидам, эшон рӯ ба рӯи телевизор, дар курсии нарм нишастаанд. Вақте маро диданд, телевизорро хомӯш карданду ба истиқбол аз ҷой хестанд.

Пеш аз он ки ман савол диҳам, эшон бо табассум гуфтанд:

- Ман “Дар орзуи падар”-ро ҳар шом тамошо мекунам. Боре нашудааст, ки тамошои онро фаромӯш карда бошам.

Ман дар ҳайрат мондам. Раҳбари кишвар, ки рӯзона бо садҳо масъалаи сиёсиву амниятӣ рӯ ба рӯст, ҳар бегоҳ ба тамошои филми тоҷикӣ вақт меёбад.

Баъдан фаҳмидам, ки намоиши он филм ҳар шом, соати 18:00, тавассути яке аз шабакаҳои телевизионии Кобул сурат мегирифтааст.

Пас аз бозгашт ба Душанбе, дар як мулоқот ин лаҳзаро ба муаллифи филм - Кароматуллоҳи Мирзо қисса кардам. Ӯ бо хоксорӣ гуфт:

- Ой, дар Афғонистон ҳам филми маро тамошо мекардаанд-дия...

Имрӯз, ки хабари даргузашти Кароматуллоҳи Мирзо расид, ин суҳбати кӯтоҳ бо Раббонӣ ва ин вокуниши содаву самимии нависандаву таъсири амиқи филмаш боз дар зеҳнам зинда шуд.

Марги Кароматуллоҳи Мирзо талафоти бузургест барои адабиёт ва фарҳанги асили тоҷик.

Ӯ аз зумраи он афроде буд, ки қаламро бо муҳаббат ба даст мегирифт, бо дард меофарид ва бо эътиқод зинда медошт. Ва шояд аз ҳамин сабаб буд, ки раҳбари як кишвар вақт ёфтаву тасвирҳои аз эъҷози қалами ӯ берун омадаро тамошо мекард.

Рӯҳаш шод, ёдаш зинда, ҷояш ҷаннати барин бод!

Шариф ҲАМДАМПУР

ДАВОҲОИ ХАЛҚӢ БАРОИ ОРОМИШИ АСАБ



Ман зани 70-сола ҳастам ва вақтҳои охир барои ҳар майда-чӯйда асабонӣ шуда, фарзандон ва набераҳоямро сарзаниш мекунам. Ҳарчанд онҳо ба хотири синну солам дар рӯям чизе нагӯянд ҳам, худам ҳис мекунам, ки аз хӯрдагириҳои ман безор шудаанд ва шаб то саҳар аз ин андешаи мағшуш хобам намебарад, вале ҳарчанд кӯшиш мекунам, худамро дошта наметавонам. Илтимос, ба ман маслиҳат диҳед, чӣ кор кунам?

МАРЗИЯ, аз н. Шаҳринав

Посухи табиб:

- Ҳолати шумо аз хастагии тӯлонии асаб дарак медиҳад ва дар сурати бепарвоӣ намуда, аз пайи табобат нашудан, хавфи ба дигар беморихо гирифтор шуданатон вуҷуд дорад. Тавсияи мо ҳамин аст, ки ҳарчи зудтар аз пайи табобат шавед ва бештар ҷигар, моҳӣ, гӯшт, чормағз, бодом, нахӯд, зардии тухм, гулкарам, лӯбиё, помидор, бодиринг ва редиска хӯред.

Агар муддати 10 рӯз ҳар субҳу шом нимлитрӣ оби сабзӣ ва лаблабуи сурхро нӯши ҷон созед, худро бардам ва болидаруҳ эҳсос мекунед.

Дар баробари ин, аз давоҳои зерини гиёҳӣ истифода бурда метавонед:

1. Решаи сумбул (валериана), пудинаи боғӣ ва гули бобунаро ба андозаи баробар гирифта, омехта созед ва як қошуқ аз ин гиёҳҳои омехтаро дар зарфи сирдор андохта, аз болояш 200 грамм оби ҷӯшидагӣ резеду монед то саҳар истад. Субҳ гиёҳобро полонда, дар зарфи шишагӣ резед ва рӯзе 3-4 бор 2-қошуқӣ нӯши ҷон намоед.

2. Ҳар бегоҳирӯзӣ реша ё тухми карафс, ниёзбӯ ва решаи сумбулро бо ҳамдигар омехта карда, ба термос андозед ва аз болояш оби ҷӯшидагӣ рехта, даҳони зарфро маҳкам кунед. Саҳар гиёҳобро соф карда, дар тӯли рӯз чанд маротиба 3-қошуқӣ бинӯшед, асабатон ором мешавад.



ЧАРО АЗ ЧАШМ ОБ МЕРАВАД?

Аксар вақт ҳангоми аз хоб бедор шудан аз чашмонамон ашк мерезад, гӯё гиря карда истода бошем. Сабабҳои ашки пас аз хоб метавонанд фарқ кунанд. Аз ҷумла, норасоии гидратсияи чашм, мавҷудияти аллергия ва бемориҳои гуногун боиси рехтани ашк аз чашм мегарданд.

Имрӯз мо ба шумо дар бораи сабабҳои асосии рехтани ашк аз чашмон дар субҳгоҳон маълумот медиҳем.

1. Намии нокифояи сатҳи чашм дар давоми шаб метавонад сабаби рехтани ашк гардад. Агар шумо дар хонаи ҳавояш хушк хоб кунед ё ҳангоми хоб чашмонатонро пурра напӯшед, ин ҳолат метавонад боиси бухор шудани моеъ гардад ва дар натиҷа пас аз бедор шудан ашк аз чашмонатон бирезад.

2. Шояд шумо аллергия дошта бошед, ки метавонад шом пайдо шавад ва шабона аз таъсири аллергенҳо, ба монанди чанг ё ҳайвоноти хонагӣ ҳолатон бадтар шавад. Бояд қайд кард, ки баъзе бемориҳо, ба монанди конъюнктивит ё блефарит низ метавонанд боиси рехтани ашк гарданд. Агар шумо нишонаҳои дигар, аз қабили хориш, сурхӣ ё нороҳатии чашмро мушоҳида кунед, ба духтури чашм мурочиат кардан лозим аст.

3. Баъзе мушкилоти чашмони обрав метавонанд аз волидон ба фарзандон гузаранд, хусусан агар падари шумо чунин шикоятҳо дошта бошад. Барои кам кардани ашки чашм кислотаҳои чарбии Омега-3 хосиятҳои зидди илтиҳобӣ доранд ва метавонанд саломатии чашмро беҳтар сохта, ба коҳиши илтиҳоб ва хушкӣ мусоидат намоянд. Ин аксар вақт ба камшавии рехтани ашк кумак мерасонад. Истифодаи мунтазами Омега-3 метавонад ба беҳтар шудани ҳолати чашм ва рафъи ашки субҳ мусоидат намояд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Корҳои оғозкардаатонро ба анҷом расонида наметавонед. Бемориҳое, ки гирифтор мегардед, бо фориғболии худатон сар мезананд. Хастагӣ имкон намедиҳад, ки тамоми камбудиҳоро рафъ намоед.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта аз касе дастгириву кумакро интизор нашавед. Мушкилиҳои ба саратон омадаро мустақилона рафъ кардананатон лозим меояд. Рӯзи ҷумъа пур аз шодиву нишот мегардад. Саломатии худро эҳтиёт кунед, бемориҳои сарзада тӯлонӣ мешаванд.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта мулоқоти ошиқонаро ба нақша нагиред. Вазъият дар лаҳзаи охир тағйир ёфта, дар ҳолати ногувор мемонед. Азбаски шумо табиатан ба ақидаи дигарон гӯш дода, амал мекунед, вақте расидааст, ки мустақил бошед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта роҳбарият аз кори шумо қаноатманд мегардад. Барои нафароне, ки бо тиҷорат машғул шудан мехоҳанд, ҳафтаи мусоид фаро мерасад. Ба баҳсу мунозираҳои пурмоҷаро роҳ надиҳед. Саломатиятон ташвиш намедиҳад, вале ҳатман истироҳат кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Шумо бо якравии зотии худ атрофиёнро ба шӯр меоред. Мушкилиҳои ҷиддии кориро рӯзҳои душанбеву сешанбе ҳал накунед. Ба рӯбучини пурраи хона ва корҳои таъмирӣ низ машғул нашавед.



Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта бо корҳои оилавӣ машғул шуда, нақшаи корҳои минбаъдаро тартиб диҳед. Дар ҳама кор ҳушёриро аз даст надиҳед, вагарна ба ғалат роҳ дода, баъдан ҳама корро аз нав оғоз карданатон лозим меояд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Кору ташвиши зиёд шуморо хаста мегардонад. Бештар истироҳат намоед, ҳафта барои пешгирӣ намудани беморихо ва гирифтани маҳси бадан созгор аст. Вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад. Робита бо дӯстон табъатонро болида мегардонад.



Далв
21.01 - 19.02

Дар ин рӯз миёни ҳамкорон нақши миёнаравро бозида, чанд нафарро ба мусолиҳа меоред. Муҳимаш ба касе панду насиҳат нахонед, вагарна ҳарфи гуфтаатонро бар зидди худатон истифода мебаранд. Одати ба кори дигарон бинӣ халониданро партоед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Вақте расидааст, ки истироҳат намуда, саломатиро барқарор созед. Аз вазъиятҳои моҷароангез дурӣ ҷустанатон беҳтар аст, вагарна асабатон харобу табъатон хира мегардад. Давоми ҳафта пули калон сарф мекунед.




Сунбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта сатҳи даромадатон зиёд гашта, метавонед маблағи худро барои чизҳои даркорӣ сарф намоед. Ҳафтаи хубест барои мулоқоти ошиқона ва вохӯрӣ бо дӯстон. Дар сафарҳо пул кор карда метавонед.



Қавс
25.11 - 21.12

Давоми ҳафта тарзи ҳаёти солимро пеша намуда, аз ғизои равғанин ва тунду шӯр худдорӣ намоед. Вақте расидааст, ки бо истеъмоли витамину меваҳо нерӯи худро барқарор созед. Эҳтимол риштаи дӯстиятон бо яке аз дӯстон канда мегардад.




Ҳут
20.02 - 20.03

Нимаи аввали ҳафта аз сафарҳо худдорӣ намоед. Эҳтимоли ба садама гирифтор шуданатон зиёд аст. Барои вохӯриву мулоқоти ошиқона ҳафтаи мусоид фаро мерасад. Рӯзи чоршанбе нафаре сабаби фишори рӯҳиятон мегардад.

ДОНИШМАНДИ ШОИР

Ба муносибати 75-солагии Алии Муҳаммадии Хуросонӣ

Алии Муҳаммадии Хуросонӣ беш аз панҷоҳу панҷ сол аст, ки дар ҷодаи эҷод барои рушди илму адабу фарҳанги кишвар босамар хидмат мекунад.



Фаъолияти кории ӯ соли 1972 дар Шуъбаи матншиносии Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистони Шуравӣ оғоз гардида, соли 1976 муддате дар идораи ҷавонии шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон ҳам фаъолият дошт. Мавсуф заҳмати илмию эҷодиро дар институти номбурда ба сифати лаборанти калон сар карда, ба истисноии сафарҳои хидматию фарҳангии берун аз кишвар аз соли 2000 инҷониб сарварии Шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттиро бар уҳда дорад.

Соли 1987 адабиётшиноси ҷавон бо роҳбарии устод Аълохон Афсаҳзод дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Санкт-Петербург дар мавзуи "Асадии Тӯсӣ ва "Гаршоспнома"-и ӯ" рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Домони фаъолияти илмию эҷодии Алии Муҳаммадӣ васеъ аст. Тадқиқоти ӯ "Муносибатҳои дӯстона ва равобити эҷодии Ҷомӣ ва Навоӣ" (Душанбе: Дониш, 1990), "Асадии Туси и его эпическая поэма" Гаршоспname" (Душанбе: Дониш, 1994), "Нома ва номанигорӣ дар "Шоҳнома" (Теҳрон, бо ҳамкалами Ҷ. Назрӣ), "Таърихи адабиёти форсии дарии тоҷикӣ (Афғонистон, Кобул, 2009, бо ҳамкалами Р. Ҳодизода) ба баррасии паҳлуҳои камомӯхташуда ва ё омӯхтанашудаи адабиёти форсии тоҷикӣ дар илми адабиётшиносии ватаниву шарқшиносии хориҷӣ бахшида шудаанд.

Алии Муҳаммадии Хуросонӣ тавонист бори аввал чеҳраҳои номаълуми адабиёти бобаракати форсии тоҷикӣ Мазмуни Зарободӣ, Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ, Нозеҳи Пасрӯдӣ ва Мирзолатиф Раҳимзодаро кашф намояд, саҳифаҳои норавшани ҳаёту эҷодиёти ин суханварони дар муқаддимаҳои муфассали ба китобҳои эшон навиштааш таҳлил бикунад, моҳияти ичтимоию таърихӣ, арзишҳои адабӣ ва эстетикию ғоявии осори ҳар кадомеро то ҷойе муайян созад.

Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ба умдатарин масоили гузашта ва имрӯзаи адабиётамон мақолаҳои зиёде навишта, дар рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар, нашрияҳои бонуфузи илмии Эрон, Афғонистон, Русия, Ӯзбекистон ва ғайра табъу нашр намудааст.

Ӯ дар матншиносии тоҷик бо таҳия намудану ба ҳамватанон расонидани мутуни мероси адибони гузаштаамон дасти тавоно дорад. Илова бар матнҳое, ки зикр шуд, ӯ то имрӯз тавонист дар таҳияву омода сохтан ва дастраси аҳли таҳқиқ ва дӯстдорони адабиётамон гардонидани мероси ниёгон, монанди ҷилди панҷуми "Гулшани адаб" (Душанбе, 1980), "Девони форсӣ"-и Навоӣ - Фонӣ (Душанбе, 1991), "Куллиёти форсӣ"-и Аллома Муҳаммад Иқбол (Исломобод, 1997 ва Душанбе, 2013), таҳияву тадвини "Илоҳинома"-и Аттор (Душанбе, 2000), "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Румӣ (бо ҳамкории Б. Ализода ва Мубашшир Акбарзод, Теҳрон-2001, Куния-2008, Душанбе-2013), "Шоирони Мовароуннаҳр", (Душанбе, 2006 ва чопи дувум Душанбе, 2019), "Мантиқу-т-тайр"-и Аттор, "Ҳазору як андарз"-и Низомии Ганҷавӣ (Душанбе, 2007), чопи осори Абдулҳайи Муҷаҳарфӣ, бахусус "Куллиёт"-и ӯ дар ду ҷилд (Душанбе, 2020) ва бисёр дигарҳо саҳм дошта бошад. Дар ин ҷодаи мушкилписанди илм таҳияву тадвини чаҳорҷилдаи "Девони Кабир"-и Ҷалолуддини Балхии Румӣ (Душанбе, 2007-2009, бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот) ба муносибати 800-солагии бузургдошти ин мутафаккир ва адиби маъруфи Шарқ, таҳияву тадвини "Ашъор"-и қофиласолори адабиёти форсии тоҷикӣ Одамушшуаро Рӯдакӣ (Душанбе, 2007) ва дар ин замина бо Расул Ҳодизода таҳия намудани матни илмӣ-интиқодии "Девони ашъор"-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Душанбе, 2008) ба истиқболи 1150-солагии бузургдошти Одамушшуаро аз дастовардҳои шоистаи ин матншиноси асил ба шумор мераванд.

Дар пешгуфтори маҷмӯаи нахустини ӯ "Чашмаи нӯш"профессор Расул Ҳодизода навишта буд: «Моҳи октябри соли 1995 як гурӯҳ олимон ба Эрон, ба шаҳри Нишопур ба баргузории 800-умин соли даргузашти шайхи бузургвор ва шоири ориф Фаридуддини Аттори Нишопурӣ сафар карда будем. Дар Нишопур аз шаҳру билоди гуногуни Шарқу Ғарб ва аз худи Эрон уламову удабо ҷамъ омада буданд. Ду рӯз дар зодгоҳи Аттор маҷлисҳои илмӣ ороста шуд. Пас аз фароғи маҳфилҳои илмӣ бегоҳ анҷуману маҷлис ва маҳфилҳои шеър барпо мешуд. Дар шаби аввал дар қатори шоирони эронӣ ва шоир Салимшоҳи Ҳалимшоҳ Алии Муҳаммадӣ ҳам бо даъвати садри базми шеър ба миёна баромад ва чанд шеъри худро қироат кард. Маҷлисиён ҳар бор дар байни байту мисраъҳои ӯ аҳсанту офарин мегуфтанд ва кафкӯбиҳо мекарданд. Ва махсусан як ғазали ӯ ба аҳли маҷлису шеършиносон хеле писанд афтод:

Ту ҳамон чашмаи нӯшӣ,
ки дилам мехоҳад,
Ту ҳамон оташи ҷӯшӣ,
ки дилам мехоҳад.
Ту ҳамон шуълаи бедори
дили шайдойӣ,
Ту ҳамон доруи нӯшӣ,
ки дилам мехоҳад...

Баъд аз шеърхонӣ аҳли маҳфил ва махсусан нишопуриён гирди Алии Муҳаммадиро ҳалқавор гирифтанд ва хоҳиш менамуданд, ки аз ин ғазали ӯ нусхае бардоранд. Оҳангсоз ва овозхоне дар Машҳад ҳамоно ин ғазалро навишта гирифт ва гуфт, ки ба ин шеъри ноб оҳанге хоҳад баст. Ва дарвоқеъ ҳам он чӣ ман дар ин рӯзҳо аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ шунидам, ҳақиқатан шеър буд, ки аз чашмаи дили ӯ мебарояд...".

То ба ҳол маҷмӯаи шеърҳои Алии Муҳаммадии Хуросонӣ "Чашмаи нӯш" (1997), "Майи гулгун", (2000), "Насими тавҳид", (2004), "Вусъати ишқ", (2009), "Садои вақт" (2017) ба дасти хонанда расидааст.

... Чан рӯз пеш Алибек ҳини сухбат ишора кард, ки 29-уми октябр ҳафтоду панҷсола мешавад. Ба ростӣ, то ба он дам дар бораи синну сол фикр накада будам ва ҳамоно ба ёдам шоҳбайти лисонулғайб Хоҷа Ҳофиз омад:

Бинишин бар лаби ҷӯю
гузари умр бибин,
К-ин ишорат зи ҷаҳони
гузарон моро бас.

Ману Алӣ дар синну сол кам фарқ мекунем. Ӯ қариб як солу шаш моҳ қабл аз ман чашм ба олам во намуда. Ҳар ду пасу пеш як мактаб, як факулта ва як донишгоҳро хатм кардем ва зиёда аз панҷоҳ сол боз дар қалби Тоҷикистон, ки имрӯз хонаи умеди ҳамаи форсизабонони дунёст - Душанбеи рашки Боғи Ирам кору фаъолият дорем...

Гӯиё дирӯзакак буд, ки ману Алибек аз ёлаҳои кӯҳи Чур, ки воқеан ҳам макони нузҳатафзою фараҳхез аст, лолаю райҳон ва занбурӯғу торон мечидем. Кунун ӯ ҳафтоду панҷсолаю камина дар остонаи ҳафтоду панҷ.

Ҳарчанд Алии Муҳаммадӣ ба синни муборакӣ ҳафтоду панҷ қадам ниходааст, чун пешина бардаму чолок ва серкору сертарадуд аст. Ба ӯ дар ҷодаи илму адаб барор мехоҳам.

Карим МӮСО,
нависанда

МАВЛУДНОМА

23 ОКТЯБР

Нарзуллохон Қосимов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Георгий Мороз (1900-1984), 125-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

24 ОКТЯБР

Музаффара Рустамова (1915-1986), 110-солагии зодрӯзи аввалин наттоқзани Радиои Тоҷикистон.

Ҳамидулло Ҳабибуллоев (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Ҳомид Пӯлод (1925-2004), 100-солагии зодрӯзи шоир.

25 ОКТЯБР

Шаҳнози Беназир (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Габриел Самандаров (1910-1996), 115-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Комил Тоҷиев (1910-1981), 115-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

Каримҷон Юлдошев (1940-2007), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

26 ОКТЯБР

Парвиз Ирфон (1930-1977), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Ҳоҷимуҳаммад Умаров (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

Давлатманд Холов (1950), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Зафар Ҷаводов (1945), 80-солагии зодрӯзи коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

27 ОКТЯБР

Аҳмадҷон Ҳамдӣ (1875-1946), 150-солагии зодрӯзи шоир.

Михаил Ширкович (1925-1990), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

28 ОКТЯБР

Азим Раҳмонов (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Абдуқаҳҳор Саидов (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Суламиф Федоровская (1920-2009), 105-солагии зодрӯзи консертмейстер, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ (1950), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос, шоир.

Шариф Ҳикматов (1955), 70-солагии зодрӯзи рассом.

29 ОКТЯБР

Ваҳҳобҷон Абдулазизов (1955), 70-солагии зодрӯзи забоншинос.

Роза Китаева (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Усмон Рабимов (1915-1987), 110-солагии зодрӯзи сарояндаи опера.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии дороиҳо, рақами қайд №107, аз 11.03.2022, №0001907, ба номи Сайфуров Файзиддин Сайфиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Муҳаммадбек Нарзибеков, хонаи 417/1, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Сайфуров Файзиддин Сайфиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Муҳаммадбек Нарзибеков, хонаи 417/1, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0773530, ба номи Камолова Сурайё Ҷумаевна, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №43-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, №0084059, ба номи Набиева Мунирахон Ғафоровна, ки соли 2006 аз ҷониби МТМУ №10-и н. Шаҳринав, ҷ/д Боғистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 10 ба номи Гусейнова Мавҷуда Шариповна, ки соли 1971 аз ҷониби МТМУ №65-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хона дар реестри №8Д-1583, аз санаи 29.03.2001 ба номи Абдураҳмонова Тоҷинисо Шумкаровна, ш. Душанбе, н. Сино, к. Ломоносов 141/4, ҳ. 34, ки соли 1992 дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии Фрунзе ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А8076222, ба номи Гаджиев Салих Рамазанович, ки санаи 02.06.2014 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибос ба номи Жумагул Ахмедова Туракуловна, РЯМ: 3330034886, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Абдураҳимов Қурбоналӣ Раҷабалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи академик Раҷабовҳо 29, ҳ. 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя таҳти феҳристи №1Ш-1704, аз 31.07.2014, аз номи Сайфуров Сайҳомиддин Сайфиддинович ба номи Сайфуров Файзиддин Сайфиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Мухаммадбек Нарзибеков, хонаи 417/1, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-ШТА №01920109, ба номи Рахимов Муҳамаджон Шухратжонович, соли хониши 2007-2008, ки аз ҷониби МТМУ №11-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А05238221, ба номи Мурадов Шухрат Шералиевич, ки санаи 01.02.2024 аз ҷониби ШМД Навобод ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Сайфуров Файзиддин Сайфиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Муҳаммадбек Нарзибеков, хонаи 417/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №30939, ба номи Абдураҳмонова Тоҷинисо Шумкаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ломоносов 141/4, ҳ. 34, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Хоҷаева Турсунтош, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи 6, гузаргоҳи Гастелло, хонаи 157, санаи 02.05.2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Азизова Сайбиби Нуридиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Зарафшон 2, М-4, бинои 3, ҳ. 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи чекӣ барои гирифтани пули нақд, ки аз ҷониби Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон "Амонатбонк" ба Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон ба номи Акимбекова Сафармо Навбухоровна дода шудааст, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Ҳаитова Парвина", №0281024, РЯМ: 0410033718, РМА: 040055378, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Наврӯзи Абдуваҳоб", РЯМ: 0710013306, РМА: 070020401, ки аз 23.04.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Ҳоҷӣ Акбар", РЯМ: 0710009878, РМА: 070016785, ки аз 17.03.2017 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Оро Иншоот", РЯМ: 0710013673, РМА: 070020771, ки аз 16.10.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Алиҷон Иншоот", РЯМ: 0710012545, РМА: 070019599, ки аз 17.04.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

МЕФУРӮШАМ

► 4-ҳуҷрагӣ, 75 м.м, қабати 2, бинои 4-ошёна, дорои балкон, ҳоладаш хуб, бо тамоми шароиташ, бо мебел, оби гарм, таҳхонаи рафдори иборат аз 2 ҳуҷра, ҳавличаи дарахтони мевадор ва танӯри нонпазӣ, қубури об, баллони гази дар ҳавлича насбшуда хонаро бо газ таъмин мекунад. Профсоюз, байни Прокуратураи генералӣ ва м/с "Пайкар", 870 000 сомонӣ (93 000 у.е.). Тел. 989-153-604, 989-143-894

БА КОРГАР НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба сехи пухтупази маҳсулоти қаннодӣ (сехи истеҳсоли печенеҳо) коргар лозим аст. Коргоҳ дар наздикии бозори "Фаровон" ҷойгир мебошад. Маош 2000 с. Маълумоти бештар тариқи телефон дода мешавад. Тел.: 989-20-55-00, 909-20-55-00

► Дар сехи истеҳсоли торт коргар лозим аст. Коргоҳ дар наздикии бозори "Фаровон" ҷойгир мебошад. Маош 2000 с. Маълумоти бештар бо телефон дода мешавад. Тел.: 900-10-88-88

The New York Times хабар медиҳад:

ҶШС ТОҶИКИСТОН ТАЪСИС ЁФТ!

96 сол қабл, 16-уми октябри соли 1929 Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақил шуд ва дар харитаи олам Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ пайдо гардид. То ин вақт (аз соли 1924) Тоҷикистон ҷумҳурии автономӣ дар дохили Ӯзбекистон буд.

The New York Times (соли таъсисаш 1851), яке аз маъруфтарин рӯзномаҳои Амрико пас аз 4 рӯз, яъне 20-уми октябри соли 1929 хабари таъсиси Тоҷикистонро нашр кардааст. Матни ин хабарро ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ дар тарҷумаи тоҷикӣ пешниҳоди шумо мекунем.

"Душанбе, Тоҷикистон, 20-уми октябр (П) - Бори аввал дар тӯли асрҳо тақрибан 1 000 000 тоҷикон, сокинони аслии Осиёи Марказӣ, зери ҳимояти Иттиҳоди Шуравӣ соҳиби ҷумҳурие мешаванд, ки дорои мақоми худмухторӣ аст. Бо ин тасмим, шумораи ҷумҳуриҳои иттифоқии шуравӣ аз шаш ба ҳафт мерасад.

Тоҷикистон, ки онро "Қалби Шарқ" меноманд, қаблан як қисми Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон буд. Аммо тавассути қарорҳои анҷумани шуроҳо тоҷикон ба ин натиҷа расиданд, ки бо дигар аъзои "хонаводаи шуравӣ" мақоми баробар дошта бошанд. Ин ҷумҳуриҳо иборатанд аз Федератсияи Русия, Украина, Беларус, Федератсияи Қафқози Ҷанубӣ, Туркманистон ва Ӯзбекистон.

Садсолаҳо тоҷикон, ки кишвари кӯҳистониашон аз ҷануб бо Афғонистон ва аз шарқ бо Чин ҳамсарҳад аст, таҳти ҳукмронии амирони Бухоро қарор доштанд ва пайваста дар ҳолати нооромӣ буданд, то соли 1926, вақте ки ин сарзамин ба ҳайати Ӯзбекистон дохил карда шуд.

Масоҳати Тоҷикистон тақрибан ба андозаи иёлати Колорадо аст. Қисми шарқии он - баландкӯҳҳои Помир - шимоли қаторкӯҳи Ҳиндукушро дар бар мегирад. Дар қисми ғарбии он, ки бештари аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, миқдори зиёди пахта истеҳсол мешавад ва қисми муҳими ниёзи Иттиҳоди Шуравӣ ба пахта аз ҳамин ҷо таъмин мегардад. Танҳо дар соли ҷорӣ ҳосили пахта ду баробар бештар аз замони пеш аз ҷанг будааст.

Одату суннатҳои мардум, ки асосан мусалмонанд, қисман хусусияти патриархалӣ ва қисман феодалӣ доштанд. Заминҳои заминдорони собиқ миёни деҳқонон тақсим карда шуданд ва онҳо ҳаракати бузурги кооперативӣ ташкил доданд. Дар даҳсолаи ахир пешрафти назаррас дар сохтмони роҳҳо, густариши соҳаи пахтакорӣ, таъсиси мактабҳои нав ва рушди истеҳсоли абрешим ба даст омадааст.

Таҳияи О. СОҲИБЗОДА



R 21, 1929.

TADJIKISTAN DECLARED A SOVIET REPUBLIC

Million Central Asians Achieve Autonomous Rule for First Time in Centuries.

DUSHAMBEY, Tadjikistan, Oct. 20 (AP).—For the first time in centuries nearly 1,000,000 Tadjiks, natives of Central Asia, are to have an autonomous republic under the aegis of the Soviet Union, which will now consist of seven allied republics instead of six.

Described as the heart of the East, the Tadjik autonomous republic, which previously had been part of the Uzbekistan Soviet Socialist Republic, decided through its congress of Soviets that it ought to enjoy the same status as other members of the Soviet family. These are the Russian Federation, Ukrainia, White Russia, the Transcaucasian Federation, Turkmenistan and Uzbekistan.

For hundreds of years the Tadjiki, whose mountainous country borders Afghanistan to the south and China to the east, were under the domination of the Bukharian emirs and were in a continuous state of turmoil until 1926, when the territory was incorporated in Uzbekistan.

Tadjikistan is about the same size as the State of Colorado and its eastern section occupies the high Pamir Plateau north of the Hindu Kush Mountain range. Its western section, where most of the population dwell, supplies the Soviet Union with a great part of its cotton. The crop this year was double that of prewar times.

The customs of the population, which is largely Mohammedan, where partly patriarchal and partly feudal. The land of former landlords has been distributed among the peasants, who have formed a huge cooperative movement. During the last ten years considerable progress has been made in road building, extension of the cotton industry, establishment of new schools and development of silk production.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ВАХШ» ҲАНӮЗ ҲАМ ПЕШСАФ АСТ

Дар вохӯриҳои даври 19-уми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон аксари бозиҳо бо бартарии як гол ба анҷом расиданд.



Рӯзи 17-уми октябр дар варзишгоҳи “20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон” дар шаҳри Хуҷанд бозии дастаҳои “Хуҷанд” ва “Ҳосилот” бо ҳисоби 2:1 ба фоидаи “Хуҷанд” хотима ёфт. Барои “Хуҷанд” ин дуюмин ғалаба зери роҳнамоии мураббии рус Александр Крестинин мебошад. “Ҳосилот” пас аз 3 бозии бебохт ин навбат ба шикаст дучор гардид.

Дар ин рӯз дастаҳои “Регар-ТадАЗ” ва “Ҳулбук” дар варзишгоҳи “Талко-Арена” бозӣ карданд, ки бидуни гол хотима ёфт.

18-уми октябр “Эсхата” ва “Панҷшер” дар шаҳри Хуҷанд бозӣ карданд, ки бо ҳисоби 1:0 бар нафъи “Эсхата” ба охир расид. “Панҷшер” пас аз аввалин ғалаба дар Лигаи олӣ, ки “Истаравшан”-ро бо ҳисоби 1:0 ноком карда буд, боз ба бохт мувоҷеҳ шуд.

“Истаравшан” пас аз барканории Тоҳир Муъминов аввалин бозии худро зери роҳнамоии мутахассиси ӯзбек Шералӣ Бобоқулов дар Лигаи олӣ бо пирӯзӣ ҷамъбаст кард. Даста дар майдони хонагӣ рӯзи 19-уми октябр муқобили КМВА бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. Баъди ин бозӣ мураббиҳои КМВА Шамсиддин Қосимов ва Файзалӣ Давлатов аз вазифаашон истеъфо доданд. Дар ҳамин рӯз дар варзишгоҳи “Кӯлоб Арена” дастаҳои “Равшан” ва “Барқчӣ” мусовӣ (2:2) бозӣ карданд.

Бозии марказии давр миёни дастаҳои пешсаф “Вахш” ва “Истиқлол” буд, ки мавқуф гузошта шуд. Ҳоло дар ҷадвали мусобиқа “Вахш” бо 37 имтиёз дар зинаи аввал аст. “Истиқлол”, “Равшан” ва КМВА дар зинаҳои баъдӣ ҳастанд. “Ҳулбук” ва “Панҷшер” дастаҳои зинаҳои охири ҷадваланд.

ФУТЗАЛ

СУПЕРЛИГАИ ФУТЗАЛИ ТОҶИКИСТОН-2025 БА МАРҲИЛАИ ҲАЛКУНАНДА ВОРИД ШУД

Акнун муборизаи барои ҷой дар плей-офф шиддат мегирад ва дастаҳо ба намоиш додани орзуи қаҳрамонӣ шурӯъ мекунанд.



Мавсими ҷорӣ аз рӯи формати классикӣ - ду давр ва плей-офф баргузор мешавад. Ҳашт бошгоҳ барои роҳҳат ба чаҳоргонаи беҳтарин ва сипас барои медалҳо дар даври ниманиҳоӣ ва ниҳоӣ мубориза мебаранд. Ҳарчанд бозиҳои зиёде боқӣ мондаанд, аммо амалан дастаҳои даври нимфинал худро нишон медиҳанд.

Дар даври нуҳум мухлисон шоҳиди голҳои зиёд шуданд. «Истиқлол» «Равшан»-ро шикаст (9:0) дод, «Сипар» дар бозии бениҳоят пуршиддат бар «Соро компания» бо ҳисоби 5:4 пирӯз шуд ва «Амонатбонк» бар КМВА (4:1) дилпурона ғалаба карда, мавқеашро дар мобайни ҷадвал мустаҳкам кард. «Сипар»-и Хуҷанд ғалабаҳоро идома медиҳад. Пас аз нуҳ давр даста 27 хол ва рекорди саддарсадӣ дорад - аз нуҳ бозӣ нуҳ ғалаба! 55 тӯб зада, ҳамагӣ 10 гол сар додааст.

Ягона дастае, ки қодир аст, то кунун ба «Сипар» душвории ҷиддӣ гузорад, «Истиқлол» (Душанбе) мебошад. Бошгоҳи пойтахт бо 21 имтиёз бо ҳафт пирӯзӣ, як мусовӣ ва як бохт дар ҷои дуюм аст. Даста бозии оличаноб нишон дода, ба задани 49 гол даст ёфт, вале аз рақиби асосии худ «Сипар» шикаст хӯрд. Бо вуҷуди ин, «Истиқлол» имкон дорад, ки таносуби ҷойгиршавиро дар марҳилаи ниҳоӣ тағйир диҳад.

Дар ҷойи сеюм «Соро компания» қарор дорад. Душанбегиҳо баъди ҳашт бозӣ 16 хол дошта, муборизаро барои чойгир шудан идома медиҳанд. Мубориза барои ҷои чоруми плей-офф шадид аст. Ҳоло «Сомон» (12 имтиёз) ва «Амонатбонк» (инчунин 12) дар зинаи чаҳоруму панҷум баробаранд ва аз КМВА, ки 9 имтиёз дорад, пеш гузаштаанд. Таносуби тӯб ба дарвозаи “Сомон” беҳтар аст (42:22), аммо “Амонатбонк” бо маҳорати ҳамлаварии худ ҳайратовар аст - 40 гол дар 9 бозӣ.

«Равшан» (Кӯлоб), ки се имтиёз дорад, то ҳол барои дар мусобиқа мондан мубориза мебарад: як ғалаба ва ҳашт бохт, аз ҷумла бохти дарднок аз «Истиқлол» бо ҳисоби 0:9 дар даври 9-ум. «Регар» (Турсунзода) дар вазъияти боз ҳам душвортар, бо сифр хол ва фарқи даҳшатноки голҳо - 12:86 мебошад.

КУРАШ

НИШОНИ АБУБАКР ТУРАЕВ АЗ БОЗИҲОИ ОСИЁИИ НАВРАСОН

Аз 22-юми октябр дар Баҳрайн Бозиҳои сеюми осиёии наврасон оғоз шуд, ки то 31-уми октябр идома мекунад. Ба барномаи Бозиҳо 26 намуди варзиш шомил аст ва аз рӯйи онҳо 256 мусобиқа баргузор мешавад.



Дар Бозиҳо Тоҷикистонро 65 варзишгар аз рӯйи 12 намуди варзиш: варзиши сабук, шиноварӣ, бокс, бадминтон, ҷудо, гӯштии тарзи озод ва юнонӣ-римӣ, кураш, варзиши электронӣ, ҷиу-ҷитсу, муай, таеквондо, ММА намояндагӣ мекунанд. Парчамбардор дар ин мусобиқа муштзан Беҳрӯз Умаров ва таеквондокор Бону Темирова ҳастанд.

Дар асоси барномаи Бозиҳо, аз 19-уми октябр баъзе мусобиқаҳо, аз қабили ҳандбол, пенсак-силат, каббода ва кураш шурӯъ шуданд. Варзишгарони Тоҷикистон дар намуди кураш аввалин нишонро ба даст оварданд. Абубакр Тураев дар вазни 65 кг сазовори медали биринчӣ шуд.

Варзишгарони Тоҷикистон дар Бозиҳои 2-юми осиёии наврасон, ки соли 2013 дар Нанҷинги Чин баргузор шуда буд, 2 нишон - як нуқра ва як биринчӣ ба даст оварда буданд.

РЕЗААХБОР



Дастаи Мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) дар доираи омодагӣ ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми ҷаҳон-2025 таҳти роҳбарии Марко Рачинӣ дар ҷамъомади таълимиву тамринӣ дар Амороти Муттаҳидаи Араб бо дастаҳои Замбия (22-юми октябр), Каледонияи Нав (24-уми октябр) ва Мексика (30-юми октябр) бозиҳои санҷишӣ мекунад. Ҳамаи ин дастаҳо дар Ҷоми ҷаҳон-2025 ширкат менамоянд. Ҳарифони наврасони Тоҷикистон дар ҶҶ-2025 дар гурӯҳи «I» тимҳои Чехия (5-уми ноябр), ИМА (8-уми ноябр) ва Буркина-Фасо (11-уми ноябр) ҳастанд.

***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар раддабандии навшудаи FIFA, ки 17-уми октябр нашр шуд, ду зина боло рафт. Тими миллии Тоҷикистон бо 1220,21 имтиёз ҳоло дар зинаи 102-юм қарор дорад. Моҳи октябр тими миллии Тоҷикистон дар мусобиқоти интихобии Ҷоми Осиё-2027 ду бозӣ анҷом дода, ду бор бар тими Малдив пирӯз шуд (2:0 ва 3:0). Дастаи мунтахаби Тоҷикистон феълан дар байни дастаҳои Осиё дар зинаи 17-ум қарор дорад. Раддабандии нав 21-уми ноябр нашр мешавад.

***

Ба иттилои таҳлилгари британиёӣ Ҷо Совард, Тошканд имкони баргузории марҳилаи чемпионати ҷаҳонии “Формула-1”-ро баррасӣ дорад. Гуфтушунидҳо дар ҳошияи Гран-прии Сингапур сурат гирифтаанд, ки дар он намояндагони Ӯзбекистон, Тайланд ва Кореяи Ҷанубӣ ширкат доштанд. Тибқи иттилоъ, Тошканд мехоҳад ба маркази минтақавии сабқати мошинронӣ табдил ёбад. Илова бар ин, моҳи декабр Ассамблеяи умумии Федератсияи байналмилалии мошинронӣ (FIA) дар пойтахти Ӯзбекистон баргузор мешавад.

***

Тирамоҳи имсол Душанбе барои чудокорони ҷавон аз саросари қитъа маркази ҳамоиш хоҳад шуд. Рӯзҳои 20-21-уми ноябр ва 22-23-юми ноябри соли 2025 дар пойтахти Тоҷикистон ду Ҷоми ҷудо - яке миёни кадетҳо ва дигаре миёни наврасон баргузор мешавад. Ин мусобиқаҳо расман ба тақвими Иттиҳоди ҷудои Осиё (JUA) шомил шудаанд ва як рӯйдоди муҳим дар ҳаёти варзишии кишвар хоҳанд буд. Созмондиҳандагон таъкид мекунанд, ки мусобиқа дар Душанбе тибқи меъёрҳои баланди IJF баргузор хоҳад шуд.



ЛАЙКТАШНА

САГ

Нозири БДА мошинеро манъ мекунад, сари чанбараки он саг нишастааст. Дар нишастгоҳи ақиб мардеро дида, бо қаҳр мегӯяд:

- Ҳой мардак, ту девона шудаӣ? Чаро сагро паси чанбарак шинондӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Айби ман чӣ? Вақте мошинро манъ кардам, сари чанбарак саг менишаст...

МАЙХОРА

Марди чорпаҳлуе дар маърака аз нӯшидани машрубот худдорӣ мекунад. Аз ӯ мепурсанд:

- Чаро арақ наменӯшӣ?

Мард мегӯяд:

- Агар кам нӯшам, ҳолам хуш намешавад. Агар бисёр нӯшам, ҳоли шумо бад мешавад.

ХОБ

Ҷавоне ба дӯсташ мегӯяд:

- Маъруф, ман шаб хоб дидам, ки ба Дубай сафар кардаам.

Маъруф дар ҷавоб:

- Ман бошам, хоб дидам, ки ба оши наҳор рафтаам.

Дӯсташ мегӯяд:

Чаро маро ҳамроҳат набурдӣ?

Маъруф дар ҷавоб:

- Ту дар Дубай будӣ ку.

АКСАРИЯТ

Марде мегӯяд:

- Инсон набояд ба гапи аксарият гӯш андозад.

Аз ӯ мепурсанд:

- Барои чӣ?

Мард мегӯяд:

- Барои он ки ҳатто миллиард магас наметавонанд маро бовар кунонанд, ки ахлот чизи бомазза аст.

РАШКИ ЗАН

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Маъшуқаат кист?

Мард ҳайрон шуда:

- Занак, девона шудаӣ?

Зан боз мегӯяд:

- Ман аз ту пурсида истодаам, ки ба хотири кадом мурчамиён худатро орову торо додӣ? Маро содаву гумроҳ напиндор! То шамол нашавад, барги дарахт намеҷунбад!

Мард дар ҷавоб:

- Занак, ту сиҳату саломатӣ? Кадом шамол, кадом дарахт, ман танҳо чӯроби даридаамро партофта, навашро пӯшидам.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

АСКАРИ ЗИРАК

Ҷавоне ба хизмати аскарӣ меравад. Чун қоида дембелҳо наваскаронро ғам дода, ба дасташон яктоӣ кетӣ медиҳанду фармон медиҳанд, ки онро ҳамчун телефон ба гӯш гузоранду ба хонаашон занг зананд. Тамоми аскарон тарсида, кетиҳоро ба гӯш мебаранд ва худ ба худ гап задан мегиранд. Ҷавони наваскар бошад, кетиро гирифта болои миз мегузорад. Дембелҳо ин кори ӯро дида, бо ғазаб мепурсанд:

- Ту чаро телефонатро болои миз гузоштаӣ?

Наваскар тарсида, мегӯяд:

- Баландгӯяки телефонамро зер кардаам, ҳозир ягон кас гӯширо бардорад, гап мезанам.

ТАРСИ МАРД

Марде зан мегираду баъди се моҳ занаш писар таваллуд мекунад. Мард ба бозор рафта, дафтару қалам ва лавозимоти мактабӣ харида меорад. Занаш ҳайрон шуда, мепурсад:

- Китобу дафтарро барои чӣ харидӣ?

Мард мегӯяд:

- Барои писарамон.

Зан:

- Охир, писарамон нав серӯза аст.

Мард мегӯяд:

- Аз дасти тифле, ки роҳи нуҳмоҳаро дар се моҳ тай намуд, ҳар кор омаданаш мумкин. Пагоҳ аз ҷояш хеста ба мактаб мерафтагист.

БОВАР НАМО

Шавҳар аз сафари хидматӣ ба хонааш омада, бо занаш салом мекунаду рост ҷониби ҳаммом меравад. Он ҷо мардеро дида, ҳайрон мешавад:

- Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

Мард мегӯяд:

- Ман устои таҷҳизоти сантехникӣ.

Шавҳар ба хонаи дигар даромада, он ҷо марди дигарро дида, боз мепурсад:

- Ту кистӣ?

Мард мегӯяд:

- Ако, ман устои барқ, баркро таъмир карда истодаам.

Шавҳар ба ғазаб омада, ба хонаи хоб медарояду он ҷо боз як марди дигарро дида, мепурсад:

- Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Мард мегӯяд:

- Ако, ман мусофирбарро интизорам.

Шавҳар ба ғазаб омада:

- Чӣ хел мусофирбар, ин ҷо ошёнаи сеюм аст?!

Мард дар ҷавоб:

- Акаҷон, ба он ду нафар бовар кардед, илтимос, ба ман ҳам бовар кунед!

ҶАВОНИ БЕҲУНАР

Ҷавону духтаре ба хобгоҳ мераванд, ки танҳо як ҳуҷраи холӣ асту тамом. Ҳарду маслиҳат мекунанд, ки дар як хона зиндагӣ карда, шабҳо байнашон болишт гузошта хоб мераванд. Ҳамин тавр, 3 сол аз байн мегузарад. Рӯзе ҳарду ба театр мераванд, вале ҳамагӣ як билет дастрас мекунанд. Писар ба духтар мегӯяд:

- Ту бо чипта даро, ман аз болои девор парида медароям.

Духтар дар ҷавоб мегӯяд:

- Рӯят сафед, о дар давоми 3 сол аз болои як болишт гузашта натавонистиву аз болои девор парида метавонӣ-мӣ?

ШУКРОНА

Марде хари худро гум карда, се рӯз гирди шаҳр мекофт ва ҳар замон шукр мегуфт. Мардумро аҷиб намуду аз ӯ пурсиданд:

- Чаро шумо хар гум карда, боз шукр мегӯед?

Мард дар ҷавоб:

- Шукр, ки дар хар савор набудам, вагарна ман ҳам се рӯз мешуд, ки гум будам.

Сканворд

